ВАҚТЕ КИ МУШТ ЗАБОН МЕШАВАД с. 6

Ш. САИДЗОДА: НОЗИРОН, БО ШАҲРВАНДОН ХУШМУОМИЛА БОШЕД! с. 2

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ. КӢ ЧӢ ВАЗИФА ГИРИФТ? с. 3

ТОҶИКИСТОН


№22 (1635), 28.05.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



«ВАВИЛОН» ВА NOKIA

шарикони стратегӣ дар рушди 5G





ДАР ИН ШУМОРА:

НИГОҲИ ДИГАР

Фурӯш ва истеъмоли машрубот дар Саудӣ с.4

ИСТАРАВШАН

Ба доди мани маъюб кӣ мерасад? с.5

ИҚТИСОД

$550 миллиони БИР ба “Роғун” с.7

АБДУЛЛО СУБҲОН:

Дафтарҳои шеърам сӯхтанд, вале оташи қалбам не! с.8

ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

- шоири ишқ ва озодӣ с.10

ҶИНОЯТ ВА ҶАЗО

Зинда ба зинда оташ зад с.11

КАНЗИ ШИФО

Гелос – давои камхунӣ с.12

ВАРЗИШ

Пирӯзии се муштзани тоҷик дар «Шоми бокс» с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

МУОВИНИ ЯКУМИ ДАБИРИ КУЛЛИ СММ БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД

Муовини якуми Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Амина Муҳаммад ба Тоҷикистон меояд.

Ӯ дар конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо, ки аз 29 то 31-уми майи соли равон дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, иштирок хоҳад кард.

Дар ин бора аз Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд.

Амина Муҳаммад яке аз чеҳраҳои пешсаф дар соҳаҳои рушди устувор ва мубориза бо тағйирёбии иқлим аст. Ӯ дар ташаккули сиёсати ҷаҳонӣ оид ба иқлими одилона, ҳифзи муҳити зист ва таъмини дастрасии баробар ба захираҳои табиӣ нақши калидӣ дорад.

ДЕПОРТИ БЕШ АЗ 19 ҲАЗОР МУҲОҶИР АЗ РУСИЯ

Мақомоти Русия дар давоми чор моҳи аввали соли 2025 беш аз 19 ҳазор муҳоҷири ғайриқонунӣ ва шахсони бешаҳрвандиро аз ҳудуди ин кишвар ихроҷ кардаанд.

Дар миёни онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон низ ҳастанд, вале теъдоди дақиқи онҳо эълон нашудааст.

Ба навиштаи хабаргузории "Интерфакс", ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 ҳазору 600 нафар камтар аст. Соли гузашта дар ҳамин давра 21,7 ҳазор нафар хориҷ шуда буданд.

Сабаби коҳиши миқдори ихроҷ, ба иттилои дафтари матбуоти идораи додгоҳҳои Русия, тамдиди муҳлати қонунигардонии будубош ва фаъолияти муҳоҷирон то 10-уми сентябри соли 2025 арзёбӣ мешавад.

ФОТИМА ВА ЗУҲРО ДАР РУСИЯ МАҚОМИ АВВАЛРО ГИРИФТАНД

Коллексияи либосҳои миллию замонавии Фотима ва Зуҳро Шоева, донишҷӯёни Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон таҳти унвони «Нигини Шоҳнома» дар озмуни XXXII моделони ҷавон ва тарроҳони либос бо номи «Нафаси баҳор» сазовори ҷойи якум гардид.

Маросими ҷоизасупории ин озмун 22-юми майи соли равон дар шаҳри Санкт-Петербурги Русия баргузор гардид ва ҷоиза ба Фотима Шоева, донишҷӯи курси дуюми ихтисоси санъатшиносӣ дар вазъияти расмӣ супорида шуд.

Озмуни «Нафаси баҳор», ки аз 16 то 22-юми май идома дошт, дар Мактаби муҳандисии либоси Донишгоҳи давлатии технологияҳои саноатӣ ва дизайни Санкт-Петербург доир гардид. Он яке аз муҳимтарин чорабиниҳои сатҳи умумиҷумҳуриявӣ дар соҳаи мӯд ва дизайн ба ҳисоб меравад.

Коллексияи "Нигини Шоҳнома" дар рӯзи дуюми озмун ба намоиш гузошта шуд. Либосҳо бо истифода аз матоъҳои рангоранги миллӣ ва услубҳои муосири тарроҳӣ омода шуда, бо унсурҳои нозуки ҳунари миллии тоҷикӣ оро ёфтаанд. Тарҳи либосҳо мавриди таваҷҷуҳи ҳайати ҳакамон ва иштирокчиёни байналмилалӣ қарор гирифт.



Шоҳрух Саидзода:

НОЗИРОН, БО ШАҲРВАНДОН ХУШМУОМИЛА БОШЕД!

Сардори Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе Шоҳрух Саидзода дар як ҷаласа нозирони минтақавии пойтахтро ба иҷрои сатҳи баланди уҳдадориҳои хизматӣ даъват намуд.

Дар ҷаласаи мазкур роҳбарон ва ҳайати шахсии нозирони минтақавии милитсияи шаҳри Душанбе ширкат намуданд.

Сардори мақомоти милитсияи пойтахт нозирони минтақавиро ба баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбӣ, аз худ намудани забонҳои хориҷӣ ва муносибати хубу хушмуомила будан бо шаҳрвандон даъват намуд.

Инчунин, дар ҷаласа камбудиҳои ҷойдошта дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, риояи одоби шаҳрдорӣ ва дигар масъалаҳои муҳими самти хизмат мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

САРИ САБЗ



Ҷонибек МУРОДОВ,
сароянда шинохтаи тоҷик

- Дуэт роҳест, ки ду бозорро як мекунад ва фоидаовар ҳам ҳаст... Дар шоу-бизнес, натанҳо дар Тоҷикистон, ҳатто дар Осиёи Марказӣ, кам сарояндае мисли ман маблағ масраф мекунад. Арзиши тӯйро мардум метавонанд аз продюсерам пурсанд. Андозро ҳам месупорам.

- Хайр, шумо ки аз ҳама пули зиёд доред, маблағи бисёр масраф мекунед. Ин як чизи табиист. Худатон ҳам гуфтед ку, дуэт фоидаовар аст. Шумо дуэт бисёр мехонед ку...



Камил НУРМАТОВ,
ихтироъгари дастгоҳи Eco-plus

- Ман ҳоло ба шумо реҷаи рӯзамро мефаҳмонам... Барои хоб ҳамагӣ 3-4 соат вақт меёбам. Албатта, сахт хаста мешавам, аммо ҳоло, ки ҷавонам, фикр мекунам давраи кор карданам аст, то дар оянда роҳаташро бинам.

- Агар реҷаи муқарраршудаи хобро ба назар гирем, пас 4-5 соати онро ба кор мебахшидаед. Пуле, ки аз ҳисоби он 4-5 соат меёбед, барои барқарор кардани саломатӣ мерасида бошад?



Шукрулло ХОЛИҚЗОДА,
таҳсилдидаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

- Вақте ки ман ба Олмон омадам, ягон кас намефаҳмонд, ки бояд чӣ кор кунам, аз куҷо оғоз намоям, ба куҷо равам. Ман қарор додам, ки ҳамон шахсе шавам, ки он замон дар паҳлуям намерасид - як такягоҳ ва намуна.

- Ҳа, мисли ҳамон гуфтае, ки "аз худат мондӣ, мурдӣ". Чунин тағрибаро ки гузаштед, акнун умедворем, барои ҷавонони тоҷик ҳамон шахсе шавед, ки дар паҳлуяшон намерасад.

ОПЕРАТОРОНИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ
нақши онҳо дар иқтисоди Тоҷикистон



Парвиз МАХШУЛОВ, роҳбари ширкати ZET-MOBILE



Анатолий ИЗЮМНИКОВ, роҳбари ширкати «Мегафон Тоҷикистон»



Беҳзод ФАЙЗУЛЛОЕВ, роҳбари ширкати Babilon-Mobile



Озодхон ДАВЛАТШОЕВ, роҳбари ширкати Tcell

ДАР ЗАМОНИ МУОСИР ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ВА АЛОҚАИ МОБИЛӢ НАҚШИ ҲАЛКУНАНДА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАРҲО МЕБОЗАД. ИН БАХШ НА ТАНҲО БАРОИ РУШДИ ИНФРАСОХТОР, БАЛКИ БАРОИ БЕҲТАР КАРДАНИ ШАРОИТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ, ХИДМАТРАСОНИҲОИ РАҚАМӢ ВА РУШДИ БИЗНЕС НИЗ МУҲИМ АСТ.

Дар Тоҷикистон соҳаи алоқаи мобилӣ дар солҳои охир рушд намуда, бо фароҳам овардани имкониятҳои нави хидматрасонӣ ба як ҷузъи асосии иқтисоди кишвар табдил шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба ахбори расмии Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон, даромади умумии операторони алоқаи Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли 2025 ба беш аз 1,1 миллиард сомонӣ расид, ки ин нишондиҳанда афзоишро дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта нишон медиҳад.

ДАРОМАДИ УМУМИИ ОПЕРАТОРОНИ АЛОҚАИ ТОҶИКИСТОН

Дар семоҳаи аввали соли 2025 даромадҳои операторони алоқа дар Тоҷикистон беш аз 1,1 миллиард сомониро (муодили 105 миллион доллари ИМА) ташкил додааст. Ин даромад 4% зиёдтар аз соли гузашта мебошад, ки тахминан 140 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст. Аз ин миқдор тахминан 995 миллион сомонӣ (беш аз 95 миллион доллар) ба ҳисоби операторони хусусӣ рост меояд, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2024-ум 6,1% афзоишро нишон медиҳад. Дар ҳамин ҳол, даромади оператори миллии алоқа - "Тоҷиктелеком", КВД "Почтаи тоҷик" ва дигар сохторҳои тобеи Хадамоти алоқа каме поин рафта, 62,6 миллион сомониро ташкил додааст. Ин рақам дар муқоиса бо соли гузашта 1,6% коҳиш ёфтааст.

РУШДИ ХИДМАТРАСОНИҲОИ РАҚАМӢ ВА АФЗОИШИ ШУМОРАИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОН

Бо таваҷҷуҳ ба омори ахир, то санаи 1-уми апрели соли 2025 шумораи умумии истифодабарандагони алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон ба 8,3 миллион нафар расид, ки аз ин миқдор 5,3 миллион корбар ба таври фаъол хидматрасониро истифода мебаранд. Вале, ёдовар мешавем, ки ин шумора дар байни аҳолӣ таносуби хуби алоқаи мобилӣ ва дастрасии ҷомеа ба хидматҳои иттилоотии рақамиро нишон медиҳад.

ОПЕРАТОРОНИ АЛОҚА ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР СОҲА

Дар Тоҷикистон чандин оператори алоқа ба фаъолият машғуланд, ки аз ҷумлаи онҳо "МегаФон Таджикистан", Tcell, Babilon-Mobile, ZET-MOBILE ва дигарон мебошанд. Ин операторон барои таъмини алоқаи мобилӣ ва хидматҳои интернетии муҳими шаҳрвандон ва корхонаҳои хусусӣ ва давлатӣ нақши муҳиме доранд. Ҳамчунин, ин оператор бо истифода аз технологиҳои муосир, аз ҷумла 4G ва 5G хидматрасониҳои интернети мобилӣ ва имкониятҳои рақамии дигарро фароҳам мекунанд.

"МегаФон Таджикистан", ки яке аз операторони бузурги алоқаи мобилӣ мебошад, барои фароҳам овардани хидматҳои гуногун, ба монанди интернети баландсуръат, пайвастшавии телефонҳои мобилӣ ва хидматҳои иловагӣ кор мекунад. Tcell, ки ба ширкати "Индиго Таджикистан" тааллуқ дорад, низ як оператори муҳими бозор мебошад ва як қатор хидматҳои мобилӣ ва интернетиро пешниҳод мекунад. Babilon-Mobile, ки яке аз аввалин операторони LTE дар Тоҷикистон мебошад, инчунин барои пешниҳод кардани хидматҳои интернети мобилӣ ва хати бузургу хурд ва умумӣ дар шаҳр ва ноҳияҳо фаъолият мекунад.

ТАВСЕАИ ХИДМАТРАСОНИҲОИ РАҚАМӢ

Бахши алоқа ва интернет дар Тоҷикистон ҳамарӯза рушд мекунад ва яке аз омилҳои асосии ин рушди босубот - тавсеаи хидматрасониҳои рақамӣ мебошад. Хидматрасониҳои интернет, дастрасии арзон ва босуръат ба маълумот, аниматсияҳои мобилӣ ва дигар хидматҳои рақамӣ барои оммавияти хидматрасонии рақамӣ ва дарёфти фоидаи зиёди даромад дар соҳа кумак мерасонанд.

Ҳамзамон, метавон гуфт, ки ҳамаи ин хидматрасониҳо барои рушди иқтисоди Тоҷикистон аҳамияти хос доранд. Аз як тараф, хидматрасонии интернет ва алоқаи мобилӣ барои рушди соҳибкории хурд ва миёна кумак мерасонад. Ин ба ширкатҳои хурд ва миёна имконият медиҳад, ки бо пешниҳоди хидматҳои онлайн ва интернетӣ ба бозорҳо ворид шаванд ва фаъолияти тиҷоратии худро муваффақона тарғиб кунанд. Ба ҳамин тариқ, соҳаи алоқа дар рушди пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ ва равандҳои инноватсионӣ нақши беназир мебозад.

ОПЕРАТОРОНИ НАВ ВА САТҲИ ПЕШРАФТ

Рушди бевоситаи алоқаи мобилӣ ва рақамии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки кишвар то сатҳи ҷаҳонии пешниҳодкунандаи хидматрасониҳои интернет ва алоқаи мобилӣ расида, низоми рақамии кишвар барои амалиёти иқтисодии бахшҳои гуногун аҳамияти бештар пайдо хоҳад кард. Бахусус, бо пайдоиши технологияҳои нав ва ба вуҷуд омадани имкониятҳои гуногуни интернети мобилӣ ва хидматрасониҳои иловагӣ, мардум ба осонӣ метавонанд бо тамоми ҷаҳон пайваст шаванд.

Дар умум, операторони алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои муҳими иқтисод ва рушди соҳаҳои дигари кишвар мебошанд. Бо тавсеаи хидматрасониҳои рақамӣ ва таъсироти мусбати он ба дигар бахшҳо, соҳа рушди босубот ва даромадноки худро дар самти ниёзҳои технологӣ ва интиқолкунандагони мобилӣ идома медиҳад.



ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

Кӣ чӣ вазифа гирифт?

28-уми май Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои ба вазифаҳои роҳбарӣ дар соҳаҳои маориф, кишоварзӣ, хариди давлатӣ, таъмини амволи махсус ва ғайра таъиншударо барои суҳбат ба ҳузур пазируфт.

"Ба вазифаҳои директори Агентии хариди мол, кор ва хизматрасонӣ, муовини вазири кишоварзӣ, муовини вазири нақлиёт, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини директори Агентии таъминоти амволи махсус, директори Корхонаи махсуси (қазонии) давлатии чумҳуриявии «Тиллои Тоҷик», ректорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва директори Муассисаи давлатии маҷмааи «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрҳои ҷавону соҳибтахассус таъин гардиданд",- иттилоъ дод хадамоти матбуоти Сарвари давлат.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат онҳоро ба хизмати содиқонаю софдилона ба Ватан ва мардуми Тоҷикистон даъват намуд.

Шинос шавед:

- Розиқзода Ҷумъахон Ҷаъфар, *директори Муассисаи давлатии маҷмааи «Кохи Борбад»;*

- Аҳмадзода Бахромҷон Раҷаб, *муовини вазири кишоварзӣ;*

- Бобоёрзода Бобоёр Тавар, *муовини вазири нақлиёт;*

- Шарифзода Муҳамадзариф Раҳмон, *муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ;*

- Зуҳурзода Саид Холаҳмад, *директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ;*

- Ҳомидзода Бобоҷон Ҳомид, *муовини директори Агентии таъминоти амволи махсус;*

- Мӯминзода Шероз Абдуҷаббор, *ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

- Набизода Мирзотоҳир Сайфиддин, *ректори ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;*

- Сафарзода Мунир Ватан, *ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ;*

- Саидзода Назаралӣ Муродалӣ, *директори КМДҶ "Тиллои Тоҷик".*

Трамп гуфт, ки “Путин девона шудааст”

Президенти Амрико Доналд Трамп гуфт, ки Владимир Путин "комилан девона шудааст". Ӯ дар як изҳороти тундлаҳнаш, ки рӯзи 25-уми май дар шабакаи иҷтимоии Truth Social нашр шуд, ба густариши амалиёти низомии Русия дар қаламрави Украина ишора карда, чунин гуфтааст.



Трамп гуфтааст: “Ман ҳамеша бо Владимир Путин робитаи хуб доштам, вале бо ӯ чизе шудааст. Ӯ девонаи мутлақ шудааст. Бедалел одамони зиёдеро мекушад ва ман танҳо дар бораи сарбозон суҳбат намекунам. Бе сабаб мушак ва ҳавопаймоҳои бесарнишин ба сӯйи шаҳрҳои Украина партоб мешаванд”. Трамп ҳамчунин навиштааст, ки Путин мехоҳад кулли Украинаро ба даст орад. Сухангӯйи Кремл Дмитрий Песков чунин изҳороти эҳсосии Трампро дар марҳилаҳои аввали музокироти сулҳи Русия ва Украина, ки ИМА яке аз ташаббускорони он аст, маъмулӣ арзёбӣ кардааст.

ВВС

Пешниҳоди барҳам додани душаҳрвандӣ

Сергей Миронов, роҳбари фраксияи "Русияи одил - Барои ҳақиқат" пешниҳод кардааст, ки банди марбут ба имконияти доштани душаҳрвандӣ аз Қонуни асосии Русия бардошта шавад.



Ёдовар мешавем, ки Русия аз соли 1995 танҳо бо як кишвар - Тоҷикистон шартномаи душаҳрвандӣ дорад ва солона садҳо тоҷикистонӣ шиносномаи русӣ мегиранд.

Русия ҳамчунин бо Абхозистон ва Осетияи Ҷанубӣ созишномаҳои душаҳрвандӣ дорад, ки Русия онҳоро эътироф мекунад, вале на кишварҳои дигар.

ТАСС

ЯК ТАСОДУФИ СОДА

“Нахли тиллоӣ”-и Паноҳӣ ва бархӯрд бо вазири Фаронса



Филми коргардони маъруфи эронӣ Ҷаъфар Паноҳӣ бо номи “Як тасодуфи сода” барандаи ҷоизаи “Нахли тиллоӣ” дар 78-умин ҷашнвораи машҳури синамоии Канн гардид. Ҳамчунин, ин воқеа сабаб шуд, ки мақомоти Эрон барои изҳори назари “таҳқиромези” вазири корҳои хориҷии Фаронса сафири он кишварро фаро хонданд.

ДАСТОВАРДИ СИНАМОИ ЭРОН

Маросими ҷоизасупории ин ҷашнвораи синамоӣ рӯзи 24-уми май дар шаҳри Канни Фаронса баргузор шуд.

Филми “Як тасодуфи сода” достони ҷавонест, ки аз зиндон раҳо шуда, як нафари дигарро, ки пойи сунъӣ дорад, мерабояд, зеро фикр мекунад, ӯ ҳамон мардест, ки ҷавонро дар зиндон шиканҷа карда, зиндагияшро вайрон кардааст.

Гуфта мешавад, ки филми Паноҳӣ аз таҷрибаи дар зиндон будани худаш маншаъ мегирад. Ин коргардон то имрӯз чанд маротиба зиндонӣ шуда, аз соли 2010 ҳақи филмбардорӣ дар Эронро надорад.

Рӯзи 26-уми май Паноҳӣ бо ҷоиза ба Теҳрон бозгашт. Ҳаводоронаш ӯро гарм истиқбол карданд.

НАЗАРИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ФАРОНСА

Ин бори дуюм аст, ки як филмсози эронӣ барандаи “Нахли тиллоӣ”-и ҷашнвораи Канн мешавад. Соли 1997 Аббоси Киёрустамӣ барои “Таъми гелос” ҷоизаи Каннро сазовор шуда буд.

Вале ин дафъа ҷоиза гирифтани Паноҳӣ аз як дастоварди ҳунарӣ бештар пӯшиши сиёсӣ пайдо кард. Ба ин суханронии худи коргардон дар маросими ҷоизасупорӣ, ки ба “озодӣ”-и мардуми Эрон ишора мекард, сабаб шуд.

Вазири корҳои хориҷии Фаронса Жан-Ноэл Барро рӯзи 24-уми май дар саҳифаи Х ғалабаи Паноҳиро “иқдоми муқовимат алайҳи режими саркӯбгари эронӣ” номид.

Хабаргузории IRNA рӯзи якшанбе навишт, ки “дар пайи шарҳҳои таҳқиромез ва иттиҳомҳои беасоси вазири Фаронса..., кордори ин кишвар дар Теҳрон ба вазорат даъват шуд”. Дар он гуфта шудааст, ки Эрон “сӯйистифодаи ҳукумати Фаронса аз ҷашнвораи Канн” ба хотири “пешбурди ҳадафҳои сиёсиаш алайҳи Ҷумҳурии Исломиро маҳкум мекунад”. Дар ин бора хабаргузории “Франс Пресс” хабар додааст.

Расонаҳои Эрон ҳам ба ин нукта ишора карданд. Барои мисол, оҷонсии “Форс” ҷашнвораи Каннро “сиёсизада” номид.

БАРАНДАГОНИ ДИГАРИ СИНАМОҶАШНВОРАИ КАНН

- Шоҳҷоиза - “Арзиши эҳсосӣ”, филми сохтаи Ёҳайм Триер аз Норвеж;

- Ҷоизаи беҳтарин кори коргардонӣ ва беҳтарин бозигари мард - “Маъмури махфӣ”, филми сохтаи Клебер Мендонса Филю аз Бразилия, ки нақши асосиро Вагнер Моура иҷро кардааст;

- Ҷоизаи ҳайати доварон ба ду филм дода шуд: “Сирот”, филми коргардони фаронсавӣ Оливер Лаукс ва “Садои сукут”, филми коргардони олмонӣ Маша Шилинский;

- Ҷоизаи беҳтарин бозигари зан: ба Надя Мелитӣ барои нақш дар филми “Хоҳари хурдӣ” аз коргардони фаронсавӣ Ҳафсия Ҳарзӣ;

- Ҷоизаи беҳтарин филмнома: ба бародарони белжикӣ Жан-Пиер Дарден ва Люк Дарден барои филми “Модарони ҷавон”;

- Ҷоизаи беҳтарин филми аввал (дебютӣ): ба Ҳасан Ҳодӣ аз Ироқ барои филми “Торти раисиҷумҳур”;

- Ҷоизаи беҳтарин филми кӯтоҳ: ба филми “Хушҳолам, ки ҳоло мурдаӣ”-и Тавфиқ Барҳум.

Арабистони Саудӣ дар соли 2026 фурӯш ва истеъмоли бомаҳдудияти машруботи алкоголиро иҷоза хоҳад дод. Дар ин бора нашрияи ҳиндии The Economic Times хабар дода, гуфтааст, ки чунин тасмим дар доираи омодагиҳо ба Намоишгоҳи ҷаҳонии EXPO 2030 ва Ҷаҳрамонии ҷаҳон оид ба футболи соли 2034 гирифта шудааст.



ФУРӮШ ВА ИСТЕЪМОЛИ МАШРУБОТ ДАР САУДӢ

Ба навиштаи ин расона, фурӯши машрубот танҳо дар минтақаҳои муайян ва на дар бештар аз 600 ҷой иҷоза дода мешавад. Ин асосан меҳмонхонаву осоишгоҳҳо барои ҷаҳонгардон хоҳад буд. Танҳо муассисаҳои соҳиби иҷозатнома ва фурӯшандаҳои омӯзишдида ҳақи фурӯши машруботро хоҳанд дошт.

Дар ин муассисаҳо фурӯши оби ҷаву май иҷоза дода хоҳад шуд. Фурӯши машруботи санҷишшуда, баъдан ҳамроҳ бо ҳамсараш аз ҳавопаймо поин меояд.

Дафтари раёсатҷумҳури Фаронса рӯзи душанбе талош кард ҳодисаи аз дасти ҳамсараш Бричит дар рӯяш як торсакӣ хӯрдани Эммануэл Макронро камаҳамият нишон дихад.

Дар посух ба саволҳои матбуот Қасри Елисей гуфтааст: “Ин лаҳзае буд, ки президент ва ҳамсараш пеш аз шурӯи сафар як лаҳза фароғате доштанду бо ҳам шӯхӣ мекарданд”. Вале табиист, ки расонаҳои ҷаҳон ба ин бовар накарданд.

Воқеаи аз ҳамсараш шаппотӣ хӯрдани президенти Фаронса Эммануэл Макрон аз ҷониби ҳасараш расонаҳои ҷаҳонро ба ларза оварда. Воқеа чӣ тавр рух дод?



ШАППОТӢ

Чаро Макронро ҳамсараш зад?

Саҳнаи бо дасташ ба рӯи шавҳараш задани Бричит дар фурудгоҳи шаҳри Ҳанои Ветнам аз ҷониби дурбинҳои наворбардорӣ сабт шудааст. Воқеа рӯзи якшанбе, 25-уми май иттифоқ афтодааст. Дар ин навор дида мешавад, Макронро пеш аз он ки аз ҳавопаймои президентӣ фуруд ояд, ҳамсараш як шаппотӣ мезанад. Ӯ мачбур мешавад як қадам қафо монад ва билофосила ба сӯйи дурбинҳои хабарнигорон дасташро бардошта, салом мекунад. Ҳамсари Макрон дар аввал як лаҳза аз дурбинҳо худро қафо кашида, баъдан ҳамроҳ бо ҳамсараш аз ҳавопаймо поин меояд.

Дафтари раёсатҷумҳури Фаронса рӯзи душанбе талош кард ҳодисаи аз дасти ҳамсараш Бричит дар рӯяш як торсакӣ хӯрдани Эммануэл Макронро камаҳамият нишон дихад.

Дар посух ба саволҳои матбуот Қасри Елисей гуфтааст: “Ин лаҳзае буд, ки президент ва ҳамсараш пеш аз шурӯи сафар як лаҳза фароғате доштанду бо ҳам шӯхӣ мекарданд”. Вале табиист, ки расонаҳои ҷаҳон ба ин бовар накарданд.



МУОВИНИ ЯКУМИ ДАБИРИ КУЛЛИ СММ БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД

Муовини якуми Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Амина Муҳаммад ба Тоҷикистон меояд. Ӯ дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо, ки аз 29 то 31-уми майи соли равон дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, иштирок хоҳад кард.

Дар ин бора аз Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Тоҷикистон хабар доданд.

Гуфта мешавад, ки Амина Муҳаммад яке аз чеҳраҳои пешсаф дар соҳаҳои рушди устувор ва мубориза бо тағйирёбии иқлим аст. Ӯ дар ташаккули сиёсати чаҳонӣ оид ба иқлими одилона, ҳифзи муҳити зист ва таъмини дастрасии баробар ба захираҳои табиӣ нақши калидӣ дорад.

Бояд тазаккур дод, ки Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо дар доираи Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, ки бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод шуда, аз ҷониби беш аз 150 кишвари аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар иҷлосияи 77-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи декабри соли 2022 дастгирӣ ёфт ва бо қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид, гузаронида мешавад.

Ба таваҷҷуҳи раиси шаҳри Истаравшан Адҳам Холиқзода



БА ДОДИ МАНИ МАЪЮБ КӢ МЕРАСАД?

Дар ҷомеаи ҳамоҳанг ва одилона ҳамаи шаҳрвандон, аз ҷумла маъюбон бояд ҳуқуқу имконияти баробар барои истифодаи соҳаҳои иҷтимоӣ, аз қабили участкаҳои наздиҳавлигӣ дошта бошанд. Аммо, дар амалия бархе аз маъюбон бо мушкилоти зиёде, аз ҷумла дастгирӣ накардани ҳуқуқи онҳо дар ин соҳа рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ҷумла худи ман.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қишри ниёзманди ҷомеа ва ятимону маъюбон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд ва пайваста таъкид менамоянд, ки маъюбонро дастгирӣ кунед. Аммо афсӯси зиёд, ки дар деҳаи Қалъаи Баланди ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланди шаҳри Истаравшан имтиёзҳои маъюбон аз тарафи масъулини ҷамоат ва ноҳия он қадар хуб дастгирӣ намеёбад. Исботи ин ману додарам ҳастем, ки синнамон аз 35 гузаштаасту модарзодӣ маъюб ҳастем ва узви биноиямон суст аст. Мисли ман маъюбони гурӯҳи I-ум дар деҳа боз ҳастанд, аммо муроҷиати маро касе нест, ки аз рӯйи қонун дастгирӣ кунаду ба дардам даво бахшад. Бо ташвишу муаммои зиндагӣ сарпеч аз ноадолатӣ бо як афсурдаҳолӣ дар ҳавлии падариямон умр ба сар мебарему 8 сол инҷониб шуруъ аз остонаи идораи замин то ҳукумати шаҳру ҷамоат сарсону саргардон баҳри участкаи наздиҳавлигӣ мебошем!

Ба гӯшам садое меомаду меояд: “Мо муроҷиати туро дида мебароем, албатта ба нақша гирифтаем!”. Ҷайби маро бо пӯчоқ пур кардаанд. Ҷайбам аз дурӯғи масъулин пур шудааст, вале...

Аз ноадолатиҳои масъулони ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланд солҳо бо сарсониҳо мани маъюб бо умеде аз ноумедиҳо бо чашми нобино шабу рӯз бо як ҳолати асабонӣ гаҳе аз дасти фарзандам ва гаҳе аз дасти ягон роҳгузар дошта аз ин идора ба вай идора оовараву сарсон ҳастам, вале масъулин парвои ман надоранд.


Бо пухтагиву зиракӣ ба номи ман ҳамчун эҳтиёҷманд аз замини чӯли биёбони минтақаи Сексарӣ, ки аз деҳот 30 км дур аст ва на об дораду на шароит, қароре барои участкаи наздиҳавлигӣ баровардаанд, ки ман худ бехабар ҳастам.

Оё дастгирии қонун ва адолати иҷтимоӣ ҳамин аст, ки нобиноро масхара мекунанду зинда ба зинда гӯрам мекунанд? Суоле ба миён меояд, ки пас чаро ба шахсони дороёву одамдор ва ҳам ба худашон аз деҳа участкаи наздиҳавлигӣ ёфт мешудаасту ба мани маъюб не? То ба кай ин ҳолат давом меёбад? То ба кай мани маъюб масхараву сарсон мешавам?

Бо умеди он ки ниҳодҳои дахлдор баҳри адолату ҳақиқат аз рӯйи қонунҳои амалкунанда, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати фаъолияти масъулини имрӯзаи ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланди шаҳри Истаравшан тафтишот бурда, пайи ҳалли муаммои ҷойдошта камари ҳиммат мебанданду ба доди мани оворагарди маъюб мерасанд, ин муроҷиатномаро навиштам...

Ҷаҳонгири МУРОДБЕК,
маъюби гурӯҳи I, сокини деҳаи Қалъаи Баланди шаҳри Истаравшан

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД



(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

ОЗМОИШИ ИРОДА

Кор ва зиндагӣ дар Мазори Шариф барои Муродуллоҳ Шерализода танҳо як вазифаи хизматӣ набуд. Он айём барои ӯ ба як мактаби ҳақиқии сабру матонат, озмоиши ирода ва парвариши андешаи миллӣ табдил ёфт. Ин муҳити пуршиддат ва вокеиятҳои сахти рӯзгор дар шахсияти ӯ на танҳо устуворӣ, балки ҳисси амиқи ватандӯстиро парвариш доданд. Солҳо баъд, вақте ӯ ба ҳайси намояндаи мардум дар парлумони Тоҷикистон суханронӣ мекард, маҳз ҳамин таҷрибаи зиндаи Мазор буд, ки ба суханаш неру, ба мавқеаш собитқадамӣ ва ба ҳарфаш эътимод мебахшид.

Дар ҳамин андешаҳо ғӯтта зада будам, ки садои занги телефон хаёламро қатъ кард. Марат буд - писари Умриқул Ҳақбердиев, ки ҳоло дар Мюнхен зиндагӣ мекунад. Падараш, мудири собиқи шуъбаи тарҷумаи Шӯрои Олӣ, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бар асари як садамаи нақлиётӣ вафот карда буд. Ӯ солҳо дар Мазори Шариф бо Муродуллоҳ ҳамкорӣ дошт. Он ду нафарро на танҳо кори якҷоя, балки дӯстии самимиву бародарона мепайваст.

Марат бо овози орому бофарҳанг гуфт:

- Маҳмадшариф, навиштаи шуморо дар бораи акои Муродуллоҳ хондам. Хеле самимӣ ва таъсирбахш буд. Агар иҷозат диҳед, мехоҳам як хотираеро аз падарам нақл кунам.

Ман телефонро ба гӯшам наздиктар бурдам.

- Медонед,- гуфт ӯ,- замони ҳукмронии Шӯравӣ дар Афғонистон асосан мутахассисон аз Русия ва Украина фаъолият мекарданд. Дар бахши нафту гази Мазори Шариф, бахусус мутахассисон аз Украинаи ғарбӣ зиёд буданд. Ин як анъанаи муқарраршуда буд, ки то замони сар задани ихтилофи байни Русия ва Украина идома ёфт.

Тарҷумонҳоро бошад, бештар аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, баъзан аз Озарбойҷон ва Арманистон ҷалб мекарданд. Барои раҳбарони шӯравии он давр кори тарҷумонӣ як вазифаи дуюмдараҷа ҳисоб меёфт - маошаш кам ва эътибораш пасттар буд. Аммо бисёре аз тарҷумонҳо бо вуҷуди эҳсоси ноадолатӣ, ин вазъро мепазируфтанд, мисли муҳоҷирони имрӯз, ки маҷбуранд ба шароити сангин тан диҳанд.

Аммо ҳолатҳое мешуданд, ки косаи сабр лабрез мегардид...

ВАҚТЕ КИ МУШТ ЗАБОН МЕШАВАД

Боре дар Мазори Шариф ихтилоф миёни Муродуллоҳ ва сармеханики Ширкати газу нефти Шимоли Афғонистон Татарчук ба миён меояд. Сармеханик соҳибмансаб, шахси дуюм дар ин лоиҳа буд. Аммо дар муносибат ҳамеша дағал буд, борҳо нисбати мардуми Осиёи Марказӣ калимаҳои таҳқиромез ба забон мегирифт. Он рӯз, рафтори ӯ на танҳо аз чорчӯбаи ахлоқ берун омад, балки таҳқире буд ба унвони Муродуллоҳ ва дигар тарҷумонҳо. Татарчук аз ҷой нимхез шуд ва бо ангушт ишора ба Муродуллоҳ карда, бо алфози қабеҳи русӣ калимаи таҳқиромезеро истифода кард, ки имрӯз нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ истифода мебаранд.

Муродуллоҳ қаламро рӯи миз гузошт, чанд қадам ҷониби Татарчук монд ва мушти обдоре ба зери манаҳаш зад. Толор лаҳзае шах шуд. Касе маҷоли сухан гуфтан накард. Аз тарс баъзеҳо дида ба фарш дӯхтанд. Татарчук бо шаст аз ҷой хест ва аз маҷлисгоҳ берун рафт.

Гапи хона ба кӯча баромад. Афғонҳое, ки Татарчукро чашми дидан надоштанд, дасти Муродуллоҳро мефишурданд. Аммо мутахассисони СССР аз Украинаи ғарбӣ ҷамъ омада, масъалаи дар 48 соат депорт кардани Муродуллоҳро ба миён гузоштанд. Вазъ пурпечутоб буд.

Муродуллоҳ бо сари хам ба хона баргашт. Ҳамсари ҳомилааш Хосият ва Нигинаи хурдсолаш ӯро интизор буданд. Табиати гирифтаи ӯ онҳоро нигарон кард.

Ҳастанд касоне, ки дар лаҳзаҳои вазнин малҳам бар тани бемор мешаванд. Умриқул Ҳақбердиев, ки бо тахаллуси “ако” миёни тоҷикон шуҳрат дошт, аз ин ҷумла буд. Ӯ масъули бахши раводид буд ва бо сардори ширкат Юшкеевич муносибати хуб дошт. Суҳбати онҳо пушти дари баста тӯлонӣ буд, вале умедбахш. Акнун бояд сухани охиринро сардори шуъбаи кадрҳои намояндагии газу нефти СССР дар шимоли Афғонистон Мишенко мегуфт. Мишенкоро пагондор мегуфтанд. Аз ин ҷост, ки бо тарсу ҳарос ба ӯ муроҷиат мекарданд. Аммо ин дам сухан сари сарнавишти як кадри ҷавон, ҳамватани ӯ Муродуллоҳ Шерализода мерафт.

Қарори Мишенко қатъӣ буд: “Депорт мекунам!”. Дар ин масъала ӯду пой дар як мӯза андохта буд.

Ҳақбердиев, ки шахси ботадбир ва кордон буд, хуб мефаҳмид: агар дар чунин ҳолат эҳсосотӣ рафтор кунад, Муродуллоҳро дар давоми 48 соат аз Афғонистон депорт мекунанд. Ин маънии онро дошт, ки ояндаи ӯ месӯзад. Вай роҳеро пеш гирифт, ки на сари касеро хам кунад, на шаъни касеро паст занад. Ӯ на ба баҳс, балки ба далел рӯ овард.

- Григорий Александрович, росташро гӯям, Шералиев кори хуб накард. Мою шумо ҳар рӯз бо мардум сарукор дорем. Ҳолатҳое мешаванд, ки як калима, як нигоҳ одамро аз худ бехуд мекунад. Бар илова, чунин як тарҷумони бомаҳорат, касбиро пайдо кардан кори осон нест.

Мишенко бо нигоҳи тунд ба Умриқул менигарад:

- Задани мутахассис - ин на танҳо хато, балки вайрон кардани тартибот аст.

Ҳақбердиев каме ҷилавтар нишаст ва бо нармӣ гуфт:

- Ба фикрам, ин ҷавон сазовори як шонси дигар аст. Ӯ ягон бор тартиботро вайрон накардааст. Қадаш баланд бошад ҳам, сараш хам, бавиҷдону кордон аст. Дар ҷавонӣ кӣ хато намекунад? Аз хурдон хато, аз бузургон ато. Бовар кунед, агар ӯро ба Шибирғон фиристем, ором мешавад, худашро нишон медиҳад. Агар боз мушкиле эҷод кунад, шахсан худам масъулияташро ба дӯш мегирам.

Мишенко чанд сония фикр кард. Ниҳоят гӯё бо норизогии зоҳирӣ, вале дар ботин ба мантиқ розӣ шуда, гуфт:

- Як бор. Танҳо як бор. Ва агар шумо шахсан кафолат диҳед.

Ҳақбердиев бо лабханди ба худаш хос ором гуфт:

- Ман кафолат медиҳам. Ва ба шумо исбот мекунам, ки ин ҷавон сазовори бовар аст.

БАДАРҒА БА ШИБИРҒОН

Шибирғони солҳои 70-уми асри гузашта як шаҳраки хомӯш, сард ва бодхез буд. Шамолҳои сахт аз дашту биёбон мегузаштанду бо худ хоку чанги сурх мебурданд. Рӯзона ҳаво хунук, шабона сардии сахт нафасро ба бӯғ табдил медод. Дар ҳамин муҳит, дар миёни муҳандисон ва кормандони соҳаи истихроҷи нафту газ Муродуллоҳ Шерализода ба ҳайси тарҷумон фаъолият мекард.

Вале ӯ на танҳо бо касбияти тарҷумонӣ, балки бо хоксорӣ, нармсуханӣ ва ҳисси масъулияти баландаш зуд миёни кормандони шӯравӣ ва афғон дӯстӣ пайдо кард. Миёни афғонҳо ӯ бо ростқавлию саховатпешагӣ ном бароварда буд. Дар муҳити касбие, ки ҳарф аз пул, техника ва истихроҷ буд, Муродуллоҳ бо сухани оддӣ ва муносибати самимӣ ҳама монеаҳоро пушти сар мекард.

Номаш зуд ба некӣ паҳн шуд. Чанд муддат нагузашта, ҳатто волии Шибирғон ӯро ба зиёфати расмӣ даъват кард. Дар онҷо ба Муродуллоҳ бо эҳтиром муносибат мекарданд, ҳамчун ба шахсе, ки дар густариши муносибатҳои мардуми Афғонистону Шӯравӣ нақш дошт. Ӯ бисёр масъалаҳои мубрами миёни мутахассисон ва мақомоти маҳаллиро бо оромӣ ва мантиқ ҳал мекард.

Овозаи эътибор ва эътимоди мардумӣ ба Муродуллоҳ аз Шибирғон берун рафт. Ба зудӣ дар Мазори Шариф ва ҳатто дар Кобул аз ӯ ёд мекардагӣ шуданд. Албата ин ҳама аз назари роҳбарият ва сафорати СССР дар Афғонистон дар канор намонд. Дар ҳамин шабу рӯз ҳайати нави мутахассисон аз Ленинград ба Мазори Шариф омаданд. Дар яке аз суҳбатҳо шоҳиди бо маданияти баланд ба забони хуби адабии русӣ ҳарф задани ӯ шуданд. Даме ки ӯ аз Ҳофизу Хайёму Блоку Есенин шеърхонӣ кард, онҳо аллакай хулосаи худро бароварда буданд: Муродуллоҳ Шерализода ба сифати сартарҷумон ба Мазори Шариф баргардонида шавад.

Ӯ ба Мазори Шариф баргашт.

(Давом дорад)

Шариф ҲАМДАМПУР

БОЗОР

Дар се моҳи аввали соли 2025 истеҳсоли равғани растанӣ дар Тоҷикистон ба 7 ҳазору 566,3 тонна расид. Истеҳсол нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта тақрибан 13,4% афзоиш ёфтааст. Оё бо ин рушди истеҳсол кофист, то вобастагии сахт аз воридот коҳиш ёбад?



ТОҶИКИСТОН КАЙ БО РАВҒАНИ ХУДӢ ТАЪМИН МЕШАВАД?

ИСТЕҲСОЛИ ВАТАНӢ: КОҲИШ Ё АФЗОИШ?

Ҳарчанд теъдоди корхонаҳои равғанбарорӣ дар Тоҷикистон аз 80 адад ҳам гузаштааст, аммо онҳо то ҳол наметавонанд талаботи дохилиро қонеъ кунанд. Танҳо 28-30 фоизи аҳолӣ бо равғани истеҳсоли ватанӣ таъмин мешаванд. Дар муқоиса, талаботи солонаи аҳолӣ ба равған тибқи меъёр 16,6 кг барои ҳар нафар аст. Барои ин ҳудуди 170 ҳазор тонна равған лозим мешавад. Аммо аз рӯйи маълумоти соли 2023 танҳо 25 ҳазор тонна равған дар дохили кишвар истеҳсол шудааст.

Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки танҳо тақрибан 15% талабот аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ таъмин мегардад. Боқимонда бо воридоти равған аз кишварҳои Қазоқистон ва Русия аст. Сарфи солонаи 170 миллион доллар барои воридоти равған, махсусан дар шароити иқтисоди Тоҷикистон, як фишори ҷиддии молиявӣ аст. Яъне, асъор ба берун меравад ва рушди иқтисоди давлати дигар таъмин мегардад.

АЗ ЗАХИРА ТО ИҚТИДОР. КОРШИНОСОН ЧӢ МЕГӮЯНД?

Ба андешаи мутахассисон, олимони соҳа, иқлими Тоҷикистон барои парвариши аксари зироатҳои равғандиҳанда мусоид аст. Ба андешаи доктори илмҳои кишоварзӣ Тош Нарзуллоев, ҳоло дар кишвар чанд зироати равғандиҳанда кишту парвариш карда мешаванд. Аз ҷумла, зағир, офтобпараст, кунҷид, чормағзи заминӣ, ки дар таркибашон аз 30 то 60 фоиз равған доранд. Масоҳати умумии кишт то 4-уми апрели соли равон ҳамагӣ 1227 гектарро ташкил додааст. Рақаме, ки дар муқоиса бо эҳтиёҷот ба равғани растанӣ хеле кам ба назар мерасад. Барои расидан ба дараҷаи худтаъминкунӣ, ҳам кишт ва ҳам иқтидори коркард афзоиш меҳоҳад.

Дар ҳамин маврид, доктори илмҳои кишоварзӣ Қурбоналӣ Партоев ба ин бовар аст, ки агар дар Тоҷикистон кишти зироатҳои равғандеҳ тибқи нақша амалӣ шавад, вобастагии воридот ба маротиб камтар мешавад. Бо муносибати дуруст ва риояи тамоми қоидаҳои агротехникӣ, дар Тоҷикистон аз зироатҳои равғандор ҳосили фаровон гирифтан имконпазир аст.

“Иқлими Тоҷикистон барои парвариши тамоми намуди растаниҳои равған-дех мусоид аст. Дар заминҳои лалмӣ имкони кишту парвариши кунҷид, зағир, офтобпараст вуҷуд дорад. Ҳам аз он равған мегирем ва ҳам барои хӯроки чорво мувофиқ аст. Танҳо банақшагирӣ лозим аст, ки Вазорати кишоварзӣ якҷо бо хоҷагиҳои деҳқонӣ бояд амалӣ созанд”,- мегӯяд Қурбоналӣ Партоев.

Ба андешаи коршиносон, технологияи кӯҳна ва камбуди сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои ҷиддӣ дар соҳа аст. Бо вуҷуди воридоти баъзе таҷҳизоти муосир, аксарияти корхонаҳо ҳанӯз бо технологияи кӯҳна кор мекунанд. Ин ҳам самаранокӣ ва ҳам сифатро паст мекунад.

ДУРНАМОИ РУШД

Тибқи дурнамои Вазорати рушди иқтисод ва савдо, истеҳсоли равған бояд то соли 2025 ба 30,3 ҳазор тонна расонида ва воридот то 92 ҳазор тонна поин оварда шавад. Агар ин нишондиҳандаҳо амалӣ шаванд, истеҳсол 20% меафзояд ва воридот 6,5% коҳиш меёбад. Бо ин ҳол, таҳлилгарон мегӯянд, ки танҳо афзоиши истеҳсол кофӣ нест.

Барои тағйири вазъият банақшагирии стратегӣ аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ ва дастгирии давлатии заминдорони хурд ва хоҷагиҳои деҳқонӣ лозим аст. Сармоягузории мустақим ба соҳаи кишти зироатҳои равғандиҳанда, рушди саноати коркард ва таъмини бозор бо маҳсулоти рақобатпазир аз омилҳои асосӣ маҳсуб мешаванд.

Тоҷикистон имкон ва иқтидори комил барои коҳиши вобастагӣ аз равғани воридотӣ дорад. Аммо то ҳол на меъёри истеҳсол ва на меъёри худтаъминкунӣ ба ҳадди зарурӣ нарасидааст. Бо сиёсати дуруст, сармоягузорӣ ва истифодаи технологияи нав, кишвар метавонад то 70% талаботи дохилиро бо равғани ватанӣ таъмин кунад.

Назари дигар доред? Нависед.

Усмон РАҲИМЗОДА

САРМОЯГУЗОРӢ

$550 МИЛЛИОНИ БИР БА “РОҒУН”

Дар доираи ҷаласаи солонаи Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд, ки аз 19 то 22-юми май дар шаҳри Алҷазоир баргузор гардид, масъалаҳои марбут ба маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла сохтмони Неругоҳи барқи обии “Роғун” баррасӣ шуданд.



Ҳайати расмии Тоҷикистонро дар ин чорабинии муҳим Завқӣ Завқизода, вазири рушди иқтисод ва савдо раҳбарӣ кард. Дар ҷараёни мулоқот бо роҳбарияти Бонки Исломии Рушд, ҷонибҳо сатҳи ҳамкориҳои дуҷонибаро таҳлил намуда, аҳамияти стратегӣ доштани лоиҳаи НБО-и “Роғун”-ро таъкид карданд.

Ба гуфтаи Завқизода, Тоҷикистон Бонки Исломии Рушдро ҳамчун шарики боэътимод ва фаъоли рушди устувори иқтисодӣ мешуморад.

Аз оғози ҳамкорӣ то имрӯз Бонки Исломии Рушд ба иқтисодиёти Тоҷикистон беш аз 916 миллион доллар сармоягузорӣ намудааст. 550 миллион доллари он ба сохтмони НБО-и “Роғун” равона гардидааст.

Инчунин, ҷонибҳо имкони васеъ намудани маблағгузории соҳаҳои калидӣ, аз ҷумла энергетикаи сабз, инфрасохтори роҳу нақлиёт, кишоварзӣ, маориф ва рушди сайёҳиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Президенти Бонки Исломии Рушд омодагии ин ниҳодро ҷиҳати густариши ҳамкорӣ ва зиёд намудани ҳаҷми сармоягузорӣ тасдиқ намудааст.

Ёдовар мешавем, ки ба ҳайати расмии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, муовини аввали вазири молия, Фирӯз Шарифзода, муовини аввали раиси Бонки миллӣ ва Ҳокимшоҳ Бобозода, раиси “Саноатсодиротбонк” низ шомил буданд.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

АЗ ОРЗУ ТО АМАЛ

Тарбияи фарзанд яке аз бузургтарин масъулиятҳо ва вазифаи волидон аст. Чӣ гуна метавон фарзандеро ба воя расонд, ки на танҳо босавод, балки шахси боандеша, соҳиби ҳунар ва дорои маърифати молиявӣ бошад? Дар зер 6 усули муассири тарбияи фарзанд ва баланд бардоштани саводи молиявии онҳо пешниҳоди шумо мегардад. Дар зиндагии воқеӣ инҳо натиҷаҳои хуб медиҳанд.

МУҲИМ БУДАНИ ТАҲСИЛРО НИШОН ДИҲЕД

Ҳаргиз нагузоред фарзандон ба ақидаҳои нодуруст бовар кунанд, масалан, "хондан шарт нест", “одами хондагӣ чӣ шуд?” ва ғайра. Таълим заминаи асосии рушди шахсият ва ҷомеа аст. Фарзанд бояд фаҳмад, ки хондан нишонаи заҳмат ва оянда дурахшон аст. Волидон бояд бо амал нишон диҳанд, ки таҳсил муҳимтар аст.

ОНҲОРО БА ЧОРАБИНИҲО БАРЕД

Фарзандонро гоҳ-гоҳ ба чорабиниҳо ва воҳӯриҳо баред, то муошират бо шахсони тачрибадор ва сатҳи баланди муносибатро бо чашми худ бубинанд. Ҳамин тачриба назари онҳоро ба зиндагӣ тағйир медиҳад. Баъзан, як суҳбат ё як дидан метавонад тачрибаи бузурге шавад.

МУШКИЛРО ХУДАШОН ҲАЛ КУНАНД

Бовар кунед, ки фарзандон агар масъулиятеро ба зимма гиранд, роҳи ҳалли бисёр масъалаҳоро пайдо мекунанд. Ба ҷойи додани ҷавоби омода, ба онҳо вазифа диҳед ва бигӯед: "Фикр кун, чӣ тавр инро ҳал мекунӣ?". Ин гуна тарбия фикрро фаъол мекунад ва ба онҳо дар зиндагӣ кумак мерасонад, ки мустақил бошанд.

ОРЗУҲОРО БА НАҚША ТАБДИЛ ДИҲАНД

Аз фарзандон хоҳиш кунед, ки орзуҳои худро нависанд ва роҳи расидан ба онҳоро ҳисоб кунанд. Ин равиш фикрронии эҷодӣ ва амалиро ташаккул медиҳад. Ҳар як орзу метавонад ба ҳадаф табдил ёбад, агар нақша ва ҳисобу китоб дошта бошад.

МУОШИРАТ ВА ҲАМКОРИРО ОМӮЗОНЕД

Дар зиндагӣ ҳама чиз тавассути одамон анҷом меёбад. Беҳуда нагуфтаанд, ки “шунидан кай бувад, монанди дидан?”. Касе танҳо зиндагӣ карда наметавонад. Фарзанд бояд омӯзад, ки чӣ гуна дар ҷомеа бошад, чӣ гуна бо мардум муносибат кунад ва дар гурӯҳ фаъол бошад. Ин дар зиндагии фарзанд аз хурдсолӣ хеле муҳим аст.


МАЪРИФАТИ МОЛИЯВИРО АЗ ХУРДӢ ОМӮЗОНЕД

Фаҳмидани пули ҳалол, роҳҳои дурусти даромад ва сарф - ин ҳама бояд аз кӯдакӣ омӯзонида шавад. Агар фарзанд маърифати молиявӣ надошта бошад, метавонад тамоми захмату дороии оилавиро барбод диҳад. Ҳадаф ин нест, ки фарзандон танбал бошанду тайёрхӯр, балки соҳибфикру соҳибкор шаванд.

Абдулло Субҳон:

ДАФТАРҲОИ ШЕЪРАМ СӮХТАНД, ВАЛЕ ОТАШИ ҚАЛБАМ НЕ!

Абдулло Субҳон - шоир ва рӯзноманигори маъруфи тоҷик дар Ӯзбекистон 70-сола шуд. Номбурда солҳост, ки дар баробари фаъолият дар рӯзномаи "Овози тоҷик" шеър мегӯяд. Ашъораш дар маҷмӯаҳои "Мушки субҳ" (1988), "Нидои сарбадор" (1992), "Уфуқи пиндор" (2000), "Гарди анҷум" (2007), "Марзи хуршед" (2015) ва ғайра ба дасти хонандагон расидааст. Ашъораш дар Тоҷикистону Эрон низ борҳо чоп шудааст. Абдулло Субҳон узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон (2010) ва дорандаи медали «Шуҳрат»-и Ӯзбекистон (2015) аст.



- Нахуст шуморо бо ҷашни 70-солагии мавлудатон табрик мегӯям. Дар оғоз мехоҳам дар бораи даврони кӯдакиву наврасии хеш бигӯед. Дар чӣ муҳите ба воя расидед?

- Сипос барои таваҷҷуҳатон. Гӯё дирӯз 7 сол доштам, то мижа ба ҳам задам, ба он як сифр зам шудааст. Имрӯз бачагӣ аз кӯчаҳои пурхоки ёд гоҳе хира-хира рӯ менамояд. Дар ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё дида ба дунё кушодаам.

Падарону бобоён ва модарону бибиён вақте аз зодрӯзи наздиконашон сухан ба миён меоварданд, мегуфтанд: "Фалонӣ, чор мучал қабл, вақти гули зардолу ба дунё омада буд, ё хоҳарам, ду мучал қабл, вақте таваллуд шудааст, ки баргҳои дарахтон мерехтанд...". Дар пайравӣ ба ин гуфтаҳо инҷониб дар як машқам ёд аз фасли милод кардаам:

Зодрӯзам як шаби фасли
баҳорон будааст,
Вақти эҳёи табиат,
баъди борон будааст.
Лаҳзае, ки аз нафасҳои
насими рӯҳбахш,
Муғҷабандӣ дар хаёли
шохсорон будааст.
Айни вақти вошуданҳои
гули бодоми кӯҳ,
Соати хамёзаҳои обшорон
будааст...

Зодгоҳу зодбуми бобоиям - деҳаи Синтаби риштакӯҳҳои Нурато. Рӯзгоре як қисми нуратоиёнро барои ба замини корам табдил додани дашту биёбонҳои вилоёти Дизаху Сирдарё иҷборӣ кӯчонида будаанд.

Модарам маро дар яке аз бошишгоҳи саҳроӣ таваллуд карда будааст. Кӯҳистониён ба шароити дашт дер унс гирифтаанд. Падарону модарон ба мо, соатҳои форағ аз кору бори зиндагӣ, аз кӯҳу дара, рӯду чашма ва гиёҳҳои шифобахши деҳаи кӯҳии хеш зиёд ҳарф мезаданд. Дертар он муҳаббату дилбастагиҳо ба машқҳои инҷониб кӯчиданд:

Синтаб, Синтаб, ҷаҳони
зебо Синтаб,
Як деҳаи тоҷикони дунё
Синтаб.
Дар рӯйи харита гарчи
з-он нест нишон,
Дар синаи ҳар зодаи худ
ҷо Синтаб.

Ё:

Файзу тараби замини
аҷдод дигар,
Он ҷо нафаси обу дами
бод дигар.
Мегуфт падар бар
мани саҳрозода:
"Синтаб дигар асту
Сайҳунобод дигар".

Дар он рӯзгор "Ватанам СССР, гулшанам СССР" буд. Мактаби ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, кифи латтагин, ручкаву сиёҳидон, партаҳои ленинӣ, галстуки пионерӣ аз пеши назарам дур намешаванд. Ланказанӣ, бозиву ҳаёҳу, дар паҳноҳои дашт чун бод давиданҳо, дастбагиребоншавӣ бо ҳамсолон ҳанӯз дар ёдам...

Китобҳои дарсию бадеӣ аз Тоҷикистон меомаданд. Барои хариди китобҳои дарсӣ ҳамагӣ 4-5 рубли шӯравӣ сарф мешуд. Падарам, ки серпул набуд, барои харидани китобу дафтар ва дигар лавозимоти дарсӣ пулу тангаҳоро шумурда медод. Шеъразёдкунӣ яке аз шуғлҳои дӯстдоштаам буд. Аз қофияи шеър хушам меомад...

- Аз кай ба шеър гуфтан оғоз кардаед?

- Агар гӯям, ки аз модар шир таваллуд шудаам ё хеле аз хурдсолӣ ба шеърнависӣ шуруъ кардаам, худситоӣ мешавад. Вақте синфи ҳашт ё нух мехондам, ду дафтари "шеър" доштам. Боре ҳампартаам маро ба омӯзгори забон ва адабиёт "фурӯхт". Муаллим иҷборӣ дафтарҳои "шеър"-амро аз киф гирифт. Рӯзи дигар маро ба гӯшае хонду изҳори назар кард: "Шеърҳоят хубанд. Дуздӣ нестанд? Навис, шеърҳои аввалини Рӯдакӣ низ дар ин поя будаанд".

Намедонистам, ки шеърҳои ибтидоии Одамушшуаро дар кадом поя буданд, вале аз суханони омӯзгор хушам омад. Вай хоста будааст, ки ман шоир шавам... Овони наврасию ҷавонӣ агар касе маро чун шоир муаррифӣ мекард, хушам меомад. Ҳоло аз чунин муаррифиҳо нороҳат мешавам. Зеро, фикр мекунам, ҳанӯз ба баландии шеър набаромадаам.

Пайи Ҳофиз, пайи Хайём
рафтем,
Ба дасте хома, дасте
ҷом рафтем.
Вале як байти хотирмон
нагуфтем,
Зи дунёи сухан ном
рафтем...

Баъд аз хатми мактаб таҳсилро дар факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии Самарқанд ба номи С. Айнӣ идома додам. Дар он даргоҳи маърифат фаҳмидам, ки машқҳои овони мактабхониам шеър набудаанд. Дафтарҳои машқамро ба модарам барои пешдаргиронӣ додам. "Шеърҳо" сӯхта хокистар шуданд, вале оташи ишқи шеъргӯӣ дар дил монд...

Вақте овони донишҷӯйӣ "шеър"-и нахустинам (як дубайтӣ) зери таҳрири устод Ҷонибек Қувноқ (ёду ёдгорашон гиромӣ бод) ба дасти нашр расид, хеле шод шудам, ки тасвирнопазир аст. Аз байни мардум рад мешудаму фикр мекардам, ки ба ин муносибат ҳама маро табрик мегӯянд. Вале, ба ҷуз чанд ҳамсабақам, ҳама ба дунболи кору бори худ будаанд...

- Шумо кай рисолати шеърнависиро дарк кардед ва ба хулосае омадед, ки сарнавишти хешро бояд ба он пайвандед?

- Баъд аз хатми донишкада корро дар мактабҳои зодгоҳ аз муаллимӣ шуруъ кардам. Вале ишқи шеъргӯйӣ маро пайваста ба нокуҷоҳое мехонд. Як бегоҳии соли 1983, вақте аз кор баргаштам, модарам лифофаеро бо нигаронӣ ба дастам дод. Он аз мудири шуъбаи кор бо эҷодкорони ҷавони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, устод Меҳмон Бахтӣ (Худо раҳмат кунад) буд, ки инҷонибро ба курс-конференсияи адибони ҷавон даъват менамуд.

Дар курс-конференсия устодони сухан машқҳоямро мавриди муҳокима қарор доданд. Ба сифати иштирокдори курс-конференсия чанд қаламиям тавассути минбари баланди адибони Тоҷикистон - маҷаллаи "Садои Шарқ" ва маҷмӯаи дастҷамъие ба дасти хонанда расид.

Ин рӯйдод ба масъулиятам дар назди сухан афзуд. То ҷое рисолати шеърнависиро дарк кардам ва тасмим гирифтам, ки сарнавишти хешро ба он пайвандам.

- Ба андешаи шумо, шеър чист ва чӣ рисолат дорад?

- Дар ин хусус бисёр гуфтаанд. Дар тӯли умр ба сухани бузургоне, ки гуфтаанд "шеър зодаи дарду шодӣ аст", итминон ҳосил кардам. Фикр мекунам, шеър бештар кори дил аст, то кори ақл. Вақте дар гуфтани шеър дил бештар ширкат мечӯяд, ҷозибае пайдо мекунад.

Намедонам, машқҳоям шеъранд ё чизе ба шеър монанд, вале аз шеъри баъзе шоирони варзида хушам намеояд. Шеърҳояшон ҳарчанд ба талаби техникии шеър пурра ҷавоб медиҳад, вазну қофия ва обуранги бадеӣ доранд, аммо чизе дар онҳо намерасад, ки фикр мекунам, ҷозиба аст. Ба ин маънӣ дар як машқам ишора кардаам:

Чу анҷум то саҳар гоҳе
нахуфтам,
Ки то як гавҳари маънӣ
бисуфтам.
Бигуфтам, ҳар чӣ омад
берун аз дил,
Вале чун аз забон омад,
нагуфтам.

Фикр мекунам, рисолати шеър ба ниёзҳои ботиниву рӯҳонии ҷомеа иртиботи ногусастанӣ дорад. Бар онам, ки шеър бояд ба худшиносӣ ва камоли инсон бисозад, чашми дили ӯро ба зовияҳои нотакрори табиату табиати инсон, ки на ҳама тавони дидан доранд, бикушояд... Гоҳе лозим меояд, ки суханвар, барои анҷоми рисолати хеш, моҳивор ба муқобили маҷро шино кунад...

Мисолан, ин пораҳоро на дар ҳар аудитория хуш қабул мекунанд:

Агар тоҷик дасти ҳам бигирад,
Зи домони хирад муҳкам бигирад.
Шукӯҳи шуҳрату овозаи ӯ,
Тамоми гӯшаи олам бигирад.

(Давомаш дар саҳ. 13)

Исфандиёри Саъдулло,
раиси Хадамоти алоқаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

ТАҲДИДИ ИНФРАСОХТОР ВА ГУСТАРИШИ 5G - ҲАДАФИ СТРАТЕГИИ МО

23-юми майи соли 2025 дар меҳмонхонаи “Serena” маросими бошукӯҳ бахшида ба оғози фаъолияти расмии ширкати Nokia дар бозори алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ин ҳамкорӣ дар ҳамбастагӣ бо гурӯҳи ширкатҳои «Вавилон» роҳандозӣ шудааст ва оғози як марҳалаи нави рушди технологияи рақамӣ дар кишвар мебошад.

Дар чорабинӣ раиси Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Исфандиёри Саъдулло, муовини Президенти ширкати Nokia Питер Вуковитс, роҳбари минтақавии Nokia дар Украина, Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи Каспий Евгений Баличев, роҳбари минтақавии Nokia дар АвруОсиё Александр Шунин, роҳбари Nokia дар Ӯзбекистон Павел Родионов, намояндагони ширкатҳои телекоммуникатсионӣ, сафоратҳо, муассисаҳои молиявӣ, намояндагони ВАО ва меҳмонони фахрӣ иштирок намуданд.



«ВАВИЛОН» ВА NOKIA

шарикони стратегӣ дар рушди 5G дар Тоҷикистон



Чорабинӣ бо суханронии ифтитоҳии раиси Шӯрои директорони гурӯҳи ширкатҳои «Вавилон» Беҳзод Файзуллоев оғоз гардид. Ӯ зикр кард: «Имрӯз барои гурӯҳи ширкатҳои “Вавилон” ва дар маҷмуъ барои тамоми соҳаи алоқаи кишвар рӯзи таърихист. Мо бо ифтихор оғози расмии ҳамкории худро бо яке аз пешсафони ҷаҳонӣ дар соҳаи алоқа - ширкати Nokia эълон менамоем. Ин ҳамкорӣ заминаи рушди устувори технологияи иттилоотӣ ва рақамӣ дар Тоҷикистон хоҳад шуд».

Баъдан, муовини президенти ширкати Nokia Питер Вуковитс бо сухани ифтитоҳии худ оғози фаъолияти расмии ин ширкатро дар Тоҷикистон эълон намуд. Ӯ таъкид кард, ки ин шарикӣ барои ҳар ду ҷониб аҳамияти стратегӣ дорад ва Nokia омода аст таҷрибаи пешрафтаи худро дар самти рақамикунонии инфрасохтори алоқаи Тоҷикистон роҳандозӣ намояд.

Дар рафти чорабинӣ қайд гардид, ки дар доираи ин ҳамкорӣ марҳилаи татбиқи шабакаи 5G дар Тоҷикистон оғоз меёбад, ки он дар рушди иқтисоди рақамӣ ва таъмини хизматрасониҳои босифати алоқа нақши муҳим хоҳад бозид.

Ба иттилои гурӯҳи ширкатҳои «Вавилон», ин ҳамкорӣ ба воридсозии технологияҳои навтарин, баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои рақамӣ, рушди захираҳои инсонӣ дар соҳаи телекоммуникатсия ва густариши имкониятҳои нави иқтисодию иҷтимоӣ барои шаҳрвандон, соҳибкорон ва ҷомеа дар маҷмуъ мусоидат хоҳад кард.

Дар ҳошияи ин чорабинӣ сармуҳаррири ҳафтаномаи «Тоҷикистон» Шариф Ҳамдампур бо раиси Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Исфандиёри Саъдулло мусоҳибаи кӯтоҳе анҷом дод, ки дар он масъалаҳои марбут ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи алоқа, воридшавии 5G ва дурнамои рақамикунонии кишвар матраҳ гардиданд.

Гузориши
Дило ДОРОБШОЕВА,
“Тоҷикистон”

- Ҷаноби Исфандиёри Саъдулло, нақши Хадамоти алоқа дар созишнома миёни ширкати Nokia ва гурӯҳи ширкатҳои «Вавилон» чӣ гуна аст?

- Хадамоти алоқа тамоми ширкатҳои истеҳсолкунандаи таҷҳизоти техникӣ ва хизматрасониҳои алоқаро дар қаламрави кишвар дастгирӣ мекунад. То имрӯз дар бозори алоқаи Тоҷикистон ширкатҳои ZTE ва Huawei, ки истеҳсолкунандагони Чин ҳастанд, фаъолият доштанд. Акнун, бо ташаббуси гурӯҳи ширкатҳои «Вавилон», ширкати Nokia, ки яке аз пешсафони ҷаҳонӣ дар ин соҳа ба шумор меравад, ба бозори мо ворид мегардад. Мо умедворем, ки дар оянда ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ якҷоя шабакаҳои нав ва стандарти баланди хизматрасониро дар сатҳи миллӣ роҳандозӣ мекунанд.

- Бартарии Nokia дар муқоиса бо ширкатҳои дигар, аз ҷумла ZTE ва Huawei дар чист?

- Гарчанде ин ширкатҳо аз кишварҳои гуногунанд - Nokia аз Аврупо ва ZTE ва Huawei аз Чин, онҳо бо як стандарт ва муқаррароти байналмилалӣ фаъолият доранд. Аммо ворид шудани Nokia ба бозори Тоҷикистон ба фазои рақобат таъсири мусбат мерасонад. Ҳамкории мо бо чунин ширкатҳои ҷаҳонӣ имконият медиҳад, ки сифати хизматрасониҳо беҳтар ва дастрасӣ ба технологияҳои нав таъмин гардад.

- Нахустин иқдоми Nokia дар Тоҷикистон чӣ хоҳад буд?

- Нахустин иқдоми ширкат марбут ба рушди шабакаи 5G мебошад. Онҳо аллакай дар ҳамкорӣ бо “Вавилон-Мобайл” татбиқи шабакаи 5G-ро оғоз кардаанд. Ин технологияи навин метавонад асоси рушди иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои босифати мобилӣ гардад.

- Шумо сифати алоқа, бахусус интернетро дар кишвар чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Оё интизори беҳбудии назаррас ҳастед?

- Бале, мардум интизори беҳбудии қобили мулоҳиза ҳастанд ва мо низ барои ин талош дорем. Беҳтар шудани сифати алоқа пеш аз ҳама ба фаъолияти ширкатҳои мобилӣ бастагӣ дорад. Мо бо онҳо ҳамкории зич дорем ва санадҳои меъёрии заруриро барои ба танзим даровардани соҳа қабул кардаем.

Бо зиёд шудани шумораи истифодабарандагон, сарбории техникӣ низ афзоиш ёфтааст. Бо вучуди ин, имсол мо тавонистем 2100 адад истгоҳҳои базавии 4G ва 5G-ро ба нақша гирем ва татбиқаш то охири сол идома меёбад.

Ҳамзамон, мо хатҳои магистралиро таҳти назорати ҷиддӣ гирифта, барои тақдиди онҳо бо Бонки аврупоии тақдид ва рушд музокирот оғоз кардем. Зеро бе хатҳои магистралӣ, ҳатто бо 4G ва 5G, суръати интернет қонеъкунанда нахоҳад буд. Ин мушкилот аз норасоии сарчашмаҳо далолат медиҳад, на аз сатҳи технология.

- Пас, кадом тадбирҳо барои ҳалли ин масъалаҳо амалӣ мешаванд?

- Пеш аз ҳама, мо ширкатҳои мобилиро вазифадор кардем, ки суръати насби шабакаҳоро зиёд кунанд. Аз тарафи дигар, ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ тақвият дода шуд, то барои насби истгоҳҳои базавӣ шароити мувофиқ муҳайё гардад.

Муҳимтар аз ҳама, "Тоҷиктелеком" бо шабакаи зеризаминии байналмилалӣ пайваст шуд. Мо тавассути хати зериуқёнусӣ ба Қарочӣ ва баъдан ба шабакаи умумиҷаҳонии интернет пайваст шудем. Дар натиҷа, воридоти интернет ба Тоҷикистон ду баробар афзоиш ёфт, ки ин иқдом таъсири мусбат ба сифати интернет ва арзиши он хоҳад гузошт.

- Ташаккур барои маълумоти муфассал ва суҳбати ошкоро. Сухани ниҳоии шумо?


- Соҳаи алоқа яке аз заминаҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ ва давлатдории рақамӣ аст. Мо, ҳамчун ниҳоди давлатӣ, тамоми иқдомҳоро роҳандозӣ мекунем, то фазои рақобатпазир, шароити мусоид барои сармоягузорӣ ва беҳбуди сифати хизматрасониҳо дар тамоми гӯшаҳои кишвар таъмин шаванд.



ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

- шоири ишқ ва озодӣ

Дар Афғонистон маҷмӯаи ашъори шоири маъруфи тоҷик Лоиқ Шералӣ таҳти унвони “Ҳанҷараи таърих” ба нашр расид, ки фарогири 25 ғазал, 15 шеъри нимой, 5 шеъри сафед, 70 рубой ва 78 дубайтӣ мебошад. Китоби мазкур аз ҷониби шоир ва пажӯҳишгар Исмоили Лашкарӣ ба нашр расида, ба он Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона сарсухан навиштааст. Ҳамчунин, Исмоил Лашкарӣ дар оғози китоб дар бораи рӯзгор ва осори устод Лоиқ мақолаи пажӯҳишӣ таълиф кардааст, ки нукоти ҷолибе дорад. Ин мақоларо манзури шумо мегардонем.



Шоир ва пажӯҳишгар Исмоили Лашкарӣ бо китоби "Ҳанҷараи таърих"

Лоиқ Шералӣ дар соли 1320 ҳ./1941 м. дар деҳаи Мазори Шарифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омад ва баъди ба поён бурдани Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе, дар конунҳои фарҳангии ин шаҳр ба кор пардохт ва бо эҷоди наҳустин ашъораш дар миёни аҳли адаб шуҳрати волое касб кард. Ба наҳустин маҷмӯаи шеърҳои Лоиқ Шералӣ, ки «Сари сабз» (1346 ҳ./1967 м.) унвон дошт, нависандаи пуровозаи Тоҷикистон, донишманд ва мутарҷими мумтоз Сотим Улуғзода сарсухан навишта ва аз зуҳури ин ситораи тобнок дар осмони адаб мужда расонид.

Лоиқ Шералӣ дар адабиёти тоҷик суннати ғазалсароиро эҳё намуд ва баъд аз Садриддин Айнӣ наҳустин суханваре, ки дар рӯзгори режими истибдодии коммунистӣ диловарона дам аз бедории миллӣ ва ҳифзи асолати фарҳангӣ зад, Лоиқ Шералӣ буд. Мавҷи худшиносии миллӣ, даъват ба бедорӣ, нафрат ба хӯй ва хислати бардагӣ, хушдор ба асолатбохтагони бекурб ва қотилони бародаркуш мағз андар мағзи ашъори ӯро дар бар гирафт.

Лоиқ Шералӣ аз соли 1345 ҳ./1966 м. чандин маҷмӯа шеъри нав сурудааст, ки аз он миён «Сари сабз» (1345 ҳ./1966 м.), «Илҳом» (1347 ҳ./1968 м.), «Хоки Ватан» (1354 ҳ./1975 м.), «Варақи санг» (1350 ҳ./1980 м.), «Хонаи чашм» (1352 ҳ./1982 м.) сурудаҳои ӯ ба шеваи нав, рубоӣ, ғазал ва маснавианд. Маҷмӯаи дигари ӯ бо номи «Соҳилҳо» (1351 ҳ./1972 м.) дорои 252 рубоӣ аст. Маҷмӯаи «Марди роҳ» (1358 ҳ./1979 м.)-и ӯ аз ин назар, ки дар он аз даҳ шеър аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ илҳом гирифта шуда (ҳамчун «Рӯҳи Рахш”, “Ғурури Рустам”), шоёни таваҷҷуҳ аст.

Зуҳури устод Лоиқ Шералӣ дар адабиёти муосири тоҷик, тулуъи ногаҳонии Хуршед дар осмони абрӣ ва фазои олуда ба ғубору тарс ва ваҳшатро мемонад. Ин ваҳшат, ки аз он ба унвони “Хафақон коммунистӣ” низ ёд мешавад, ношӣ аз сиёсати зиддибашарии даврони Сталин буд, ки то охирин рӯзҳои фурӯпошии режими вақт дилҳоро дар тарс ва ларз нигоҳ дошт. Лоиқ Шералӣ бо исёни аҷибе вориди саҳнаи адабиёт гардид, мавзуъ ва муҳтавои шеърро, ки ба шиор табдил ёфта буд, тағйир дод. Истеъдоди фитрӣ, вуқуф ва огоҳии комил аз орифони форсигӯй ва адабиёти пешрафтаи ҷаҳон ва муҳимтар аз ҳама (барои рӯзгори даврони шӯравӣ), ғурури зебанда ва ҷасорати фавқулода баланд ба ӯ имкон дод, ки дам аз ҳувияти миллӣ бизанад ва русуму одот ва суннатҳои қавми тоҷик ва фарҳанги форсизабононро, ки дастмояи адаби форсӣ зикр ёфтааст, қарор бидиҳад. Аз ин рӯ, ҳифзи ҳофизаи таърихӣ ва пайванди фарҳанги тоҷикон бо дигар аквоми форсизабонон дарунмояи бештари ашъори ӯст.

Лоиқ Шералӣ аз наҳустин рӯзҳои гом гузоштан ба майдони шеър, бо зарофат ва фаҳм ва мантиқ даст ба ифшои хиёнатҳои таърих зад, шеърро василае барои баёни дардҳои дили худ ва огоҳ сохтани ҷомеа аз ин дардҳо қарор дод. Лоиқ ин абётро, ки “Шеъри нав” унвон дорад (1346 ҳ./1967 м.), дар Анҷумани байналмилалии шеъри форсӣ дар шаҳри Душанбе дар ҳузури асотиди бадландовозае чун Парвиз Нотили Хонларӣ, Халилуллоҳи Халилӣ, Файз Аҳмади Файз ва дигар адибон машҳури ҷаҳон ироа кард:

Шеъри нав барҳост
ҳамчун одами нав,
Ҳамчу тифли инқилоб
Бо саволу бо ҷавобу бо хитоб.
Захмҳои пушти Айнӣ
сатрҳои ӯ шуданд,
Оҳҳои хашмолудаш нидои
ӯ шуданд.
Ҳар дари зиндон, ки бар
рӯи асирон боз шуд,
Боби озодӣ кушуду шеъри
нав оғоз шуд...
Шеър чун сарбози миллат
шӯр афканду қиём:
- Интиқом аз охирин
маснаднишинон, интиқом!

Шоир дар ин қитъа аз як сӯ мехоҳад рисолати шеъри навро дар рӯзгори кунунӣ бозгӯ созад ва нигоҳи тозае ба инқилоб ва таҳаввулоти замон андозад ва аз сӯи дигар бо истифода аз чунин мавқеи муносиб, ҳамчун як адиби навпароз ва дигарандеш, сиёсати золимонаи ҳукком ва паёмадҳои инқилобашонро бо киноя ва рамз ба боди интиқод мегирад.

Дар қитъаи баъдӣ андешаи шоир ба оҳанги дигар мечархад ва баръакси назарияи адами зиддият, ки дар адабиёти шӯравӣ матраҳ буд, садои эътироз ва хашмолуд ба таври ногаҳонӣ баланд мешавад:

Лек захми пушти Айнӣ то ҳанӯз
Дар дили ман хуфтааст.
Захми чашми устоди панҷрӯдӣ
Дар дили ман хуфтааст.
Захмҳои синаи ман қиссаи
ногуфта аст.

Гӯяндаи ин шеър он замон 24 ё 25 сол дошт ва ҳарфи ӯ барои ҳозирини толори анҷумани шеъри порсӣ ва баъдан хонандагон дар сар то сари ҷумҳурӣ такондиҳанда буд. Ӯ таърихи захми чашми устоди панҷрӯдиро дар хотираҳо зинда кард ва мардумро ба роҳи назми Рӯдакӣ ва роҳи Бухоро андохт:

Аз Бухоро то дили ман
як ваҷаб роҳ асту бас,
Роҳи назми Рӯдакию роҳи
аҷдоди ман аст.
Ман ба ин раҳ меравам
пуршӯртар,
Меравам бар дуртар,
бар дуртар.

Дар адабиёти мардуми шӯравӣ, ба вежа тоҷик, ӯзбек, қазоқ, қирғиз ва туркмон адибе, ки васфи Ленин, Октябр, Сталин, трактор, канал, пахта, корхони пунба, фабрика, кор ва коргар ва ғайраро нагуфта бошад, вуҷуд надорад. Ба таври мисол, шоири пуровозае чун Лоҳутӣ манзумае бо номи «Хар ва трактор» навишт. Мавзуъ ва масоили зикршуда сароғози эҷоди адибон буд, зеро ҳокимони вақт дастур содир мекарданд ва ин мадеҳасароӣ ба наҳваҳои гуногун, баъзан дар ҳадди ифрот, то замони ба саҳнаи адабиёт ворид шудани устодон Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, хонум Гулрухсор, Гулназар ва дигарон идома пайдо кард. Садшикани аслӣ Лоиқ Шералӣ буд ва дар сафҳаи матбуот ва адабиёти тоҷик аз дили ин суханвари бебок шеъри дигаре метаровид ва ин шеър шабеҳи рӯди шӯх ва саркаше буд, ки неру аз уқёнуси андеша ва осори ниёгон, нобиғае чун Мавлоно, Саъдӣ, Ҳофиз ва рӯҳи бешакасти Фирдавсии бузург гирифта буд ва мироби замон бо он ҳама ҷаҳолати чингизие, ки дошт, натавонист монеи ҷараёни рӯдхонаи шеъри ӯ бигардад.

Агар шеъри муқовимат дар адабиёт тоҷик рӯзе мавзӯи таҳқиқ ва кофтукови илмии адабиётшиносони мо қарор гирад, бидуни тардид ашъори устод Лоиқ Шералӣ аз наҳустин рӯзҳои ба ин даргоҳ рӯй овардани ӯ (1339 ҳ./1960 м.) то рӯзгори мо, дар ин замина ҳарфи аввалро хоҳад зад.

Лоиқ дар шеъри «Бачагӣ» сохтмони тасвириро бар бунёди табиат ва ҷилваҳову мазоҳири он устувор медорад. Дар ин шеър мафҳуми «кӯдакӣ» сужаи мутаҳаррики аслӣ аст, бо ин ҳама дар хотироте, ки баён мешавад, табиат фақат воситаи баёнӣ нест. Балки пас аз хондани шеър он чӣ дар зеҳн мемонад, ҷуз тасовири зебое аз табиат нест. Дар воқеъ он чӣ шоир аз он ба ҳасрат ёд мекунад, танҳо «кӯдакӣ» нест, балки табиате, ки дигар аз он ҷудо шуда ва ба фазои шаҳр (ва дар воқеъ фазои зидди табиат) партоб шудааст, бо кӯдакии ӯ сахт пайваста аст:

Дар сари санге ҳама рӯз интизор,
Мешумурдам турнаҳоро ҳар
баҳор.
Бачагиям бо қатори турнаҳо
якҷо гузашт.

Шаст меандохтам бар
рӯди маст,
То биафтад моҳии тилло
ба даст.
Бачагиям бо умеди моҳии
тилло гузашт...

Ханда мекардам ба сӯи шаршара,
Ханда меомад зи ҳар санги дара.
Бачагиам ханда дар лаб,
лаб-лаби дарё гузашт.

Ғазалҳои Лоиқ гоҳ аз осори шоирони муосири Эрон ҳам фаротар меравад. Ҳеҷ як аз шоирони имрӯзи тоҷикро дар ғазалсроӣ тавони новарди бо Лоиқ нест. Аҳамияти Лоиқ фақат дар таваҷҷуҳи вай ба қолаби ғазал нест, балки нақши аслии вай дар эҳёи тағаззул ва бахшидани забон ва фазои тоза ба ғазал мебошад. Бо мурури бар матлаъҳои чанд ғазали ӯ ин нукта ба хубӣ равшан хоҳад шуд:

Мо баҳри дилшиносон шеъру
тарона ҳастем,
Баҳри навошиносон чангу
чағона ҳастем.
***
Мо солхӯрда ҳастем,
ё сол хӯрда моро?
Мо умр бурда бар сар,
ё умр бурда моро?

Шеъри Лоиқ шеърест муҳтавогаро; монанди шеъри Муъмин Қаноат ва Бозор Собир, шеъре, ки лабрез аст аз ишқ ба Тоҷикистон ва дардҳои таърихи мардумаш:

Ту саросар кӯҳсорӣ,
Ту саросар сангзорӣ,
Чунки фарзандони ту дар
роҳи торихи дароз
Ҳар куҷо рафтанд, муште
хок бо худ бурдаанд.
Чунки фарзандони ту дар
ҷустуҷӯи бахти худ
Дар биёбонҳои тафсон дур
аз ту мурдаанд.


Ё шеъри “Бачагӣ”-и ӯ, ки ёдовари танҳоиҳои ӯ дар даврон кӯдакии ӯст. Вале боз ҳам айниятгароии соири шоирони он диёр дар кораш ба вузуҳ дида мешавад.

Вале бо ҳамаи инҳо, шеъри Лоиқ гоҳе бар хилофи ҷараёни шеъри Тоҷикстон, ки дар куллият даргири масоиле, ки дар миқёси миллӣ аст, холӣ аз дағдағаҳои фардӣ ва андешаҳои фалсафи нест.

Лоиқ гоҳе ба масоиле чун ишқ дар маънои моддӣ ва рӯзмарраи он, зиндагӣ ва равобити инсонҳо ва маргу зиндагӣ мепардозад. Дар шеъри зер ӯ маргро дар раванди рӯ ба пеши ҳаёт, омили зоиши дубора ва ангезаи пӯёӣ ва таҳаррук медонад:

(Давомаш дар саҳ. 14)

Барқ молест, ки аз он ҳама ҳар рӯз истифода мекунанд ва барои ин мисли дигар молҳо пул медиҳанд. Инро аз ҳама беҳтару хубтар Илҳомов Муҳриддин (ном иваз шудааст) хуб медонист, зеро худаш корманди ҳамин соҳа аст ва медонад, ки дар ин сохтор ҳамарӯза миллионҳо сомонӣ дар гаштугузор аст. “Хайр, агар ба як гӯшаи ин мо ҳам шарик шавем, ҳеҷ гап набудагист”,- андешид ӯ ва пайи амалӣ гардидани нақшаи худ шуд…



БАРҚ ҲОҶАТБАРОРИ ҚАЛЛОБ?

Муҳриддин хост, ки ҳоҷати сардори бахши биллингии автоматикунонии системаи ҳисоби неруи барқи филиали ҶСК “Шабакаҳои барқ” дар шаҳри Душанбе А. Наҷмиддиновро, ки гуфта буд, барои вай як миқдор пул зарур аст ва ӯ мехоҳад ба сардор кумак кунад, бароварда созад. Ӯ ин маблағро аз ҳисоби маблағи муштариён, ки аз минтақаи зери назорататаш ҷамъ мекунад, метавонад ба ӯ диҳад.

- Майлаш, ман дар ин кор кумакат мекунам ва аз маблағи аз муштариён гирифтаам то 40-50% фоиз ба ту медиҳам ва худам қарзи боқимондаи муштариро тариқи барномаи биллингии “Экспресс Клинт” тарҳ мекунам.

Минбаъд Илҳомов ҳангоми дар вазифаи муҳандис-барқчӣ кор карданаш мефаҳмад, ки ҶСК “Точиккабел” аз ҳисоби барқ 19 ҳазору 986 сомонӣ қарздор аст ва ӯ ба он ҷо рафта, аз сармуҳосиби ин муассиса Холов Фахриддин маблағи мазкурро ба таври нақдӣ мегирад ва аз ин кори худ Наҷмиддиновро огоҳ мекунаду онҳо пайи иҷрои нақшаи минбаъдаи худ мешаванд.

Дар навбати худ, Наҷмиддинов низ маблағи мазкурро ғайриқонунӣ тариқи барномаи “Экспресс Клинт” ворид намуда, гӯё қарзро аз дӯши “Точиккабел” мебардорад.

Дар натиҷаи ин амалиёт давлат ба миқдори 19986 сомонӣ зарар дид.

Аммо тавре мегӯянд, “офтобро бо доман пӯшида намешавад” ва албатта ҳар амали зиддиқонунӣ оқибат ошкор мешавад. Ин навбат рафтори ғайри қобили қабули пулдуздонро, ки мехостанд даст ба кисаи давлат зананд, кормандони Агентии мубориза бо ҷиноятҳои молиявӣ ва коррупсия ошкор намуданд.

Суд ҳолатҳои содир шудани ҷинояти мазкурро мӯшикофона таҳқиқ намуда, ҷинояти мазкурро бо моддаи 245, қисми 2, бандҳои “б”, “г”-и Кодекси ҷиноятии ҶТ бандубаст намуд ва гунаҳгорон ба ҷазои аъмоли худ расиданд.

Д. ҲАКИМЗОДА,
муовини аввали раиси
Суди ноҳияи Шоҳмансур
А. АҲМАДЗОДА,
рӯзноманигор

ИСТАРАВШАН:
БОЗДОШТИ САРДОРИ ШАБАКАҲОИ ТАҚСИМИ БАРҚ

Сардори “Шабакаҳои тақсимоти барқ”-и шаҳри Истаравшан ҳамроҳ бо собиқ роҳбари филиали ширкат дар ин шаҳр боздошт шудаанд. Онҳо ба дуздии 740 ҳазор сомонии пули трансформатор гумонбар дониста мешаванд.



Дар ин бора Вазорати корҳои дохилӣ хабар дода, гуфтааст, ки гумонбаршудаҳо моҳи майи соли 2022 аз 1 миллиону 490 ҳазор сомонӣ пуле, ки барои харидории трансформатор ҷудо шуда буд, нисфашро дуздидаанд.

“Гумонбаршавандагон тахминан моҳи майи соли 2022, тибқи маслиҳати пешакӣ, тавассути протоколи тендерӣ барои харидорӣ намудани 1 адад трансформатор ба маблағи умумии 1 миллиону 490 ҳазор сомонӣ бо воситаи таъминотчии ҶДММ "Фарзина", дастгиршуда, марди 33-солаи сокини шаҳри Хуҷанд, ки қаблан соли 2021 бо қисми 2 моддаи 245 ва бо қисми 2 моддаи 340 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд шудааст, ҳуҷҷатгузорӣ карда, онро аз шаҳри Душанбе ба маблағи 740 ҳазор сомонӣ харидорӣ карда, боқимонда 740 ҳазор сомониашро байни ҳамдигар тақсим намуда, ба манфиати шахсиашон сарф намуда, ба буҷаи давлат зарари махсусан калон расонидаанд”,- гуфтааст ВКД.

Гуфта мешавад, ки сардори “Шабакаҳои тақсимоти барқ”-и шаҳри Истаравшан 39-сола ва сокини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров буда, аз 16-уми январи соли 2025 то ин ҷониб дар ин вазифа кор мекард.

Шарики ӯ, собиқ сардори филиали “Шабакаҳои тақсимоти барқ”-и шаҳри Истаравшан марди 51-сола аз шаҳри Хуҷанд будааст, ки моҳи марти соли 2023 аз вазифааш барканор шудааст.

РОҲНАМОИ ИМРӮЗУ ФАРДОИ ТОҶИКИСТОН

Ҳар як миллат барои рушду пешрафт ба барномаи дақиқ ва ҳуҷҷати роҳнамое ниёз дорад, ки дар он на танҳо мушкилоти рӯзмарра, балки дурнамои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар низ инъикос ёбанд. Паёми ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат маҳз чунин ҳуҷҷати муҳими стратегӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун оинаи равшани сиёсати давлатӣ ва ормонҳои мардуми кишвар баромад мекунад.

Ин паём на танҳо натиҷагирии кору фаъолият дар соли сипаригашта аст, балки заминагузори барномаҳо ва иқдомоти нав барои фардои дурахшони Тоҷикистон низ мебошад.

Пешвои миллат дар паёми худ қайд карданд, ки ҳоло кишвари мо дар марҳалаи нави тараққиёти худ қарор дошта, бо амалӣ намудани стратегияву барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст.

Дар баробари ин, нооромиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷираҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем.

Президенти кишвар таъкид намуданд, ки дар панҷ соли охир музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба афзоиш ёфта, дар маҷмуъ 100 фоизро ташкил дод. Ин афзоиш дар муқоиса бо сатҳи таваррум, ки дар ҳамин давра 29 фоиз буд, нишон медиҳад, ки сиёсати иҷтимоии давлат ба беҳтар намудани шароити зиндагии мардум равона шудааст.

Ҳамзамон, ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда шуданд, ки ҳадафи рушди иқтисоди кишварро дар соли 2025-ум дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намоянд. Барои расидан ба ин мақсад, тадбирҳо оид ба рушди иқтисоди «сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ андешида шаванд.

Дар самти энергетика, Президенти кишвар ба зарурати истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ ва ҳифзи ҷойҳои корӣ таъкид намуданд. Ҳамчунин, барои ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ дар се соли оянда, истифодаи технологияҳои сарфакунандаи энергия ва коҳиши талафоти техникӣ дар шабакаҳои барқӣ муҳим арзёбӣ гардид.

Қайд гардид, ки аз моҳи майи соли 2027-ум аз ҳисоби истеҳсоли неруи барқ дар «Роғун» ва силсилаи неругоҳҳои дарёи Вахш норасоии неруи барқ дар кишвар пурра бартараф ва Тоҷикистон ба истиқлоли комили энергетикӣ ноил мегардад.

Президенти кишвар таъкид намуданд, ки ваҳдати миллӣ, дӯст доштани Ватан ва ҳисси баланди миллӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳи ҳар як шаҳрванди кишвар қарор дошта бошад. Танҳо бо заҳмати содиқона ва ҳисси баланди масъулият метавон ба рушди устувори кишвар ва беҳбудии зиндагии мардум ноил гардид.

Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар собит сохт, ки роҳбарияти кишвар бо диди васеъ ва ояндабинона сиёсати давлатдориро пеш мебарад.

Абдукаримзода Муҳаммадалӣ Абдукарим, и.в. сардори кафедраи фанҳои ҳарбӣ - хизматии факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
Бекназарзода Наврӯз Нурмаҳмад, муаллими кафедраи фанҳои ҳарбӣ - хизматии факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия

ЗИНДА БА ЗИНДА ОТАШ ЗАД

Кормандони милитсия ва мақомоти прокуратура дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ сокини 23-солаи деҳаи Шмиди ин ноҳияро бо гумони куштор дастгир кардаанд. Ӯ як марди 39-солаи сокини деҳаи А. Дӯстовро зинда ба зинда оташ задааст.



Гумонбаршаванда Меҳриддин Боқиев санаҳои 10 то 13-уми апрел дар бозори марказии ноҳияи мазкур бо марҳум Даврончон Сангинов вохӯрда, аз ӯ 15 ҳазор сомонӣ қарз пурсида, ваъда додааст, ки дар муддати 3 рӯз ин маблағро бармегардонад. Ва бо мақсади халосӣ аз пардохти қарз, нақшаи куштани Сангиновро кашидааст. Ӯ пешакӣ маводи оташгиранда, дастпӯши резинӣ ва оташафрӯзакро харидорӣ карда, рӯзи 19-уми апрел марҳумро бо баҳонаи “миннатдорӣ” ба теппаҳои деҳаи Дӯстӣ чеғ задааст. Баъдан ӯро латукӯб карда, ба рӯй ва бадани ӯ бензин рехта, оташ мезанад. Сангинов дар ҷои ҳодиса ҳалок мешавад. Боқиев қасд доштааст, ки ҳодисаро чун худсӯзӣ вонамуд кунад.

Нисбати Меҳриддин Боқиев, ки гузаштаи доғдори ҷиноятӣ доштааст, ҳоло бо моддаи 104, қисми 2, банди “е” ва “л” (куштор бо бераҳмии махсус ва бо мақсади рӯйпӯш кардани ҷиноят) парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, тафтишот идома дорад.

ҲАБСИ АБАД БАРОИ ҚАТЛИ ҲАМСАРУ ФАРЗАНДОН

Суди вилояти Суғд Зокир Азамов, сокини 40-солаи ноҳияи Зафарободро барои куштори ҳамсар ва фарзанди 11-солааш ба ҳабси абад маҳкум кард.

Ҷиноят шаби 28-уми ноябри соли 2024, дар заминаи рашк ва адовати оилавӣ рух додааст. Азамов, ки сокини ҷамоати шаҳраки Меҳнатобод аст, бо гумони хиёнат аз тарафи ҳамсараш Фирӯза Азамова даст ба куштори ӯ ва фарзандаш Саёдхон задааст. Ӯ бо табаре, ки қаблан аз бозор бо нияти содир кардани ҷиноят харида буд, ҳамсар ва фарзандашро ба қатл расонида, ҷасадҳоро бо бензин оташ задааст, то изи ҷиноятро пинҳон кунад.



АЛЛЕРГИЯ

Роҳҳои халосӣ аз он кадом аст?

Аллергия - ин вокуниши масъунияти бадан буда, дар ҳолатҳои ногувор ба вуҷуд меояд. Яъне ҳангоми истеъмоли маводҳои нодуруст ё доруворихои пастсифат метавонад ба вуҷуд ояд. Аллергия - ин аксуламали организм мебошад.

Аллергия намудҳои зиёд дорад, ба монанди ғизоӣ, доругӣ, аз таъсири газидагии ҳашарот, ҳайвонҳо, аз чангу ғубор, офтоб ва ғайраҳо.

Ҳеҷ гоҳ гуфта наметавонем, ки ғизои истеъмолкардаи мо метавонад ба роҳатӣ ба организми мо ворид шуда, аксуламале нишон надиҳад. Вале тачрибаҳо нишон додаанд, ки организм дар баъзе ҳолат нисбати оддитарин ғизои истеъмолшуда, ба монанди сабзавот, ғизоҳои тезтайёр, маҳсулоти ширӣ аксуламал нишон медиҳад.

Аллергия ё аксуламали организм аз маводҳои доругӣ, пас аз истеъмоли ин ё он дору ба вуҷуд меояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки як номгӯи дору наметавонад ба як гуруҳ таъсири якхела расонад ва ё безарар бошад. Дар ин сурат бояд эҳтиётткор буд ва дар хонаҳои хеш нӯшдоруҳоеро, ки зидди аллергия ҳастанд ва ҳолатҳои ногувorро ба зудӣ бартараф мекунанд, нигоҳ доштан муфид аст.

Нуқтаи дигар ин аст, ки аллергия танҳо хоси калонсолон набуда, дар кӯдакон низ дида мешавад. Чун кӯдакон бештар ба ҳар ҷойҳо даст мерасонанду ашёҳоро ба даҳон мегиранд, ё ин ки ягон ҳашарот ё ҳайвони захрнок мегазад ва онҳо бештар ба ин ҳолат дучор мешаванд, яъне аксуламали организм бештар дар пӯсташон пайдо мешавад. Дар ҳар кӯдак метавонад аллергияи гуногун пайдо шавад, масалан, дар баданаш хоришак пайдо шавад, сару рӯй ва тамоми баданаш варам кунад, табларза азият диҳад. Ҳамаи ин нишонаҳои аксуламали организм аст, ки дар натичаи ин ё он ҳолати зикргардида пайдо мешавад.

Мутаассифона, аксари одамонро вохӯрдан мумкин аст, ки аллергияи мавсимӣ азият медиҳад ва ҳатто дар чангу ғубор низ худро нороҳат ҳис карда, атса мезананду оби бинӣ ва чашмонашон ҷорӣ мешавад. Албатта ин ҳолат шахсро нороҳат месозад ва мехоҳад ҳарчи зудтар аз чунин вазъият раҳо ёбад. Барои ин ба духтури аллерголог муроҷиат кардан муҳим аст ва доруҳои рафъкунандаи ин бемориро истеъмол намудан муфид мебошад.

Айни замон кам касоне ҳастанд, ки дар дохили нақлиёт ё истгоҳҳо сулфа накунанд ё атса назананд. Ин ҳолат низ давраи муайяни худро дошта, дар ҳавои сард бештар хурӯҷ мекунад. Чунин нафарон низ бояд ба саломатии худ диққати ҷиддӣ диҳанд ва доруҳои зидди аллергикиро истифода баранд.

Нуқтаи дигар ин аст, ки занҳои ҳомиларо низ ин ҳолат нигарон кардааст. Аз рӯи далелҳо ҳар як сеюмин зани ҳомила дучори аллергия мешавад, ки онро тағйирёбии гармонҳо меҳисобанд. Чун давраи ҳомилагӣ давраи хеле нозук аст, тавсия медиҳем, ки ҳамаи маводҳои доругиро бо тавсияи духтури минтақавиятон мувофиқ карда, баъдан истеъмол намоед.

Якчанд сабабҳои пайдо шудани аллергия вуҷуд доранд, ки яке аз онҳо ирсӣ мебошад. Зиёд шудани бемориҳои аллергикӣ аз таъсири муҳити атроф буда, ғизои носолим, ҳолати ҳаяҷонӣ, аз ҳад зиёд истифода кардани маводи доругӣ сабаб шуда метавонад.

Аз ин рӯ, кӯшиш кунед, ки тибқи меъёрҳои қабулшуда ғизои солимро истеъмол намоеду доруҳоро дар асоси таъиноти духтур истифода баред, то худу фарзандонатонро аз бемориҳои гуногуни аллергикӣ нигоҳ доред.

ГЕЛОС – ДАВОИ КАМХУНӢ

Гелос дарахти бисёрсолаи боровар аст. Одамони даврaҳои ибтидоӣ меваҳои гелоси ёбоиро истеъмол менамуданд. Дар мамлакатҳои назди соҳили Баҳри Миёназамин гелосро аз қадимулайём парвариш мекунанд. Шакли худрӯи он дар Қафқоз, Молдова, Украина, Қрим нашъунамо меёбад.



Гелос хосияти хуби шифогӣ дорад. Обҷӯши баргаш барои дафъи рутубати узвҳои нафас, ширааш барои муолиҷаи сулфа, диққи нафас ва ҷароҳати гӯш фоидаовар аст. Агар гелоси хушккардашударо дар об тар карда, ба беморони ҷигар фармоянд, талхаро тунук мекунад. Ширааш сангҳоро ҳал мекунад.

Гелос барои муолиҷаи бемории гулӯ ва шуш судбахш аст. Истеъмоли он баъди таом қобили қабул нест. Дар тибби мардумӣ аз мева, барг ва гулҳои гелос васеъ истифода мебаранд. Обҷӯши меваш барои рафъи илтиҳоби найчаҳои шуш ва роҳи нафас нофеъ аст. Он табшикану пешоброн мебошад. Дар тибби муосир шира, афшура ва гелоси тару тозаро, ки аз моддаҳои фаъоли биологӣ бой аст, ба кӯдакон чун маводи ғизоӣ тавсия медиҳанд.

Тарзи тайёр намудани дамхӯрдаи меваҳои хушки гелос, ки барои муолиҷаи камхунӣ давои хуб аст, чунин аст: 50 гр меваи хушки гелосро гирифта, дар термос ё ягон зарфи сирдор андохта, ба болояш 300 гр оби ҷӯшро мерезанд ва онро дам медиҳанд. Пас онро аз дока гузаронида, 100 - граммӣ 3 бор дар як рӯз ним соат пеш аз қабули таом истеъмол менамоянд. Ин нӯшоба давои хубест барои муолиҷаи камхунӣ.

Аз гелос инчунин нӯшоба, мураббо, афшура ва шароб тайёр мекунанд.

Азбаски гелос меваи аз танин бой аст, метавонад мушкилоти меъдаро ба вуҷуд орад, аз ин рӯ дар як рӯз аз 200 ё 300 грамм зиёд аз ин мева истеъмол кардан мувофиқи мақсад нест.

Тақвими

Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта вақти бештари худро барои ободонии хонаву дар сарф намоед. Агар кайҳо боз нияти таъмир ё рӯбучини пурраи хонаро дошта бошед, ҳоло аз уҳдаи ин корҳо ба хубӣ мебароед. Аҳли оила дар ин кор ба кумакатон мешитобанд.

Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта вақти бештари худро дар сафару робитаҳо мегузаронед. Хеле хушчақчақу хушгуфтор мешавед. Атрофиён кордониву масъулиятнокии шуморо қадр мекунанд. Айни замон ба ваъдаҳои атрофиён нотарсона бовар карда метавонед.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ин ҳафта мушкилоти зиёдеро, ки бо ҳаҷми даромади пулӣ ва сарфи маблағҳоятон вобастагӣ доранд, ба эътидол овардан лозим аст. Қабл аз сарф кардани маблағ аввал онро ба даст овардан лозим аст ва дар ин ҷода шумо маҳорати хуб нишон медиҳед.

Саратон
22.06 - 23.07

Дар ин ҳафта хуб мебуд, ки дар ҳама кор мустақилона амал намоед. Ба нуқтаи назари дигарон танҳо дар ҳолатҳое гӯш андозед, ки ба ҳақ будани худ боварӣ надошта бошед. Нафароне, ки шиносоӣ пайдо мекунед, кумаку дастгириашон дар зиндагиятон мерасад.

Асад
23.07 - 22.08

Барои рафъ намудани мушкилоти дар касбу коратон сарзада қуввaву вақти зиёдро сарф карданатон лозим меояд. Мутаассифона, на ҳама корҳоятон хуб анҷом меёбанд. Бо баъзе нафарони воломақом ва обрӯманд мухолифат карданатон эҳтимол дорад.

Сунбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта кунҷи танҳоӣ начуста, бештар бо атрофиён дар робита бошед. Нақши дӯстон дар ин рӯзҳо хеле зиёд мегардад. Агар шумо вақтҳои охир хеле кам дидорбинӣ намуда ё кам дар тамос будед, вақте расидааст, ки аз нав робитаҳои дӯстиро баркарор намоед.

Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафта барои устувор сохтани ҷою мавқеъ мусоидат мекунад. Ба касе имкон надиҳед, ки ҳуқуқҳоятонро поймол созад, аз райъи худ нагардед. Мушкили асосии ҳафта бад шудани муносибат бо дӯстон аст. Кӯшиш намоед, ки корро ба ҷангу ҷанҷол нарасонед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Нафарони дар мучали ақраб тавлидёфта бо мушкилоти муносибатҳои оилавӣ дучор мегарданд. Шахси дӯстдоштаатон хилофи ақидаву ниятҳои шумо амал мекунад. Ба назаратон чунин мерасад, ки мақсаду мароми шумо мухолифи якдигар аст.

Қавс
25.11 - 21.12

Дар ин ҳафта хонаву дари худро ба тартиб оварда, барои қабули меҳмонон омодагӣ гиред. Ҳафтаи хубест барои харидорӣ намудани асбобҳои баркии рӯзгор, аз қабили мошинаи ҷомашӯйӣ, яхдон ва комбайни хӯрокпазӣ.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар муносибатҳои ошиқонаи шумо душвориҳо сар мезананд. Гап сари он аст, ки шумо аз дӯстдоштаи худ олиҳа метарошед. Мутаассифона ҳақиқат талх аст ва он шуморо аз олами хаёлот ба замин мефарорад.

Далв
21.01 - 19.02

Далвҳои оиладор дар ин ҳафта шоҳиди муноқишаи шахси дӯстдошта бо яке аз наздикон мегарданд. Бетарафиро нигоҳ доштан хеле душвор мегардад. Барои он ки муносибататон бо нафаре аз онҳо вайрон нагардад, муноқишаро оромона рафъ созед.

Ҳут
20.02 - 20.03

Барои муносибатҳои заношавҳарӣ ва ошиқона ҳафтаи мусоид аст. Нафароне, ки соҳиби фарзанд ҳастанд, ташвишашон зиёдтар мегардад. Мушкили ягонаи ҳафта дар бад шудани муносибат бо атрофиён аст, аз ин рӯ, бо нафаре шинос шуданро тавсия намедиҳем.

Абдулло Субҳон:

ДАФТАРҲОИ ШЕЪРАМ СӮХТАНД, ВАЛЕ ОТАШИ ҚАЛБАМ НЕ...

(Аввалаш дар саҳ. 9)

***

Замин дорӣ, забонат ҳаст, аё қавм,
Бузургони ҷаҳонат ҳаст, аё қавм.
Валекин боли парвозат шикаста,
Чӣ дарди ноаёнат ҳаст, аё қавм?

***

Ай даригӯён, дариро
дарбадар кардан хатост,
Хештанро гумраҳу
оқипадар кардан хатост...
Бо вуҷуди он, ки дасти
давр тангаш мекунад,
Танг бар фардои он оне
назар кардан хатост...

- Шумо барои кӣ шеър мегӯед?

- Дар навбати аввал барои мани дар ман, ки на аз ҳамаи гуфтаҳоям хушаш меояд, сониян, барои мухлисону иродатмандон. Намедонам онҳо чӣ миқдоранд, аммо ҳис мекунам, ки чанд нафар ба қаламиҳоям дилбастагие доранд...

- Дар замони кунунӣ, ки фикри мардум ба куллӣ тағйир ёфтааст ва асри техникаву технология мебошад, шеър ниёзҳои маънавии ҷомеаро бароварда метавонад?

- Фикр мекунам, бахусус, ниёзҳои маънавии як қишри қавми моро бароварда месозад. Зеро шеър барои қавми мо на як навъи ҳунар ё василаи дилхушист, балки арзиши миллӣ маҳсуб мешавад. Мисле, ки моҳӣ бе об зиста наметавонад, форсигӯён бе шеъру суруд наметавонанд умр ба сар баранд...

Барои он, ки шеър куллан ниёзҳои маънавии ҷомеаро бароварда созад, фикр мекунам, бисёр корҳоро бояд анҷом дод. Забони форсӣ ё форсии тоҷикӣ яке аз забонҳои мукътадири дунёст. Аз нигоҳи инҷониб, куллан тағйир додани механизми таълими ин забон дар мактабҳои миёна ва олӣ имрӯз яке аз корҳои аввалиндараҷа аст. Зеро ба умқи шеър ворид шуда тавонистан ё натавонистани насли ҷавони тоҷик ба сатҳи забондонии ӯ вобаста аст. Дар ин росто ҳамзабонони мо хеле пеш рафтаанд. Зеро онҳо тӯфони содакунии забонро аз сар нагузаронидаанд... Боре лозим омад, ки дар ҳузури тоҷикони Афғонистон ва эрониён чанд машқамро хонам. Чунин ба назар расид, ки онҳо, бе ишкол, ба образҳои шеърӣ ворид мешаванд. Банда аз қироати шеър лаззат мебурдаму онҳо аз шуниданаш. Вале дар аудиторияи Тоҷикистону Ӯзбекистон, ба сабаби паст будани сатҳи забондонии аҳолӣ, ин ҳолатро ҳис накардам...

- Шумо ҳам дар қолаби суннатӣ ва ҳам дар қолабҳои нав шеър мегӯед. Барои шеър қолаб муҳим аст ё маъно?

- Яке аз шоирони бузурги мо Нодири Нодирпур бар он буд, ки дигар умри ғазал сар омадааст, шоирон бояд дар қолабҳои нави шеърӣ тағаззул кунанд. Вале устодони сухан Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Камол Насрулло, Рустами Ваҳҳоб, Фарзона, Озарахш, Абдучаббори Суруш, Толиби Луқмон... ва идае аз шоирони Эрону Афғонистон собит намуданд, ки дар қолаби ғазал



ва рубоиву дубайтӣ низ метавон доди суханро дод. Пас, барои шеър қолаб муҳим набудааст...

Фикр мекунам, сарфи назар аз қолабҳои наву куҳна, сухани шоир бояд шеър бошад, на чизе ба шеър монанд...

- Вазъи шеъри тоҷикро дар Ӯзбекистон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Имрӯз дар Ӯзбекистон ҳавзаи ба худ хоси адабиёти тоҷик ташаккул меёбад. Ва боиси хушҳолист, ки дар суфраи ин ҳавза заволаҳои сахтшудае ба назар мерасанд, ки метавонанд по ба пойи намояндагони ҳавзаи адабии Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон бираванд... Бисёр мехостам, ки бино ба хоҳишу иродаи сиёсии саронии давлатҳо, намояндагони ин ҳавзаи адабӣ, ба хотири таҳкими дӯстӣ, рушди адабиёт ва фарҳанги миллӣ, дар маҳфилу гирдиҳамоиҳои гуногун канори ҳам бошанд...

Дар чумҳурии мо нашри рӯзномаҳое бо номи "Овози тоҷик", "Овози Самарқанд", "Ховар" ва маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангие таҳти номи "Дурдонаи Шарқ" дар парвариши исеъдодҳои аҳли қалами тоҷик мусоидат менамоянд, ки сабаби шукргузориҳост. Вале як чиз нигаронкунанда аст, ки сол аз сол теъдоди мактабу гурӯҳҳои тоҷикӣ кам мешаванд. Агар ин ҳолат идома пайдо кунад, эҳтимоли бе хонанда мондани нашрияҳо ва осори адибони тоҷик вуҷуд дорад. Мактаб решаи дарахти забону фарҳанги миллист. Реша, ки хушк шуд, дарахт нашъунумуъ намекунад...

- Бо Тоҷикистон ва аҳли адаби он ҳамкорӣ доред?

- Бо устод Гулназар, ёду ёдгорашон гиромӣ бод, қаробат доштам. Соли 80-уми қарни сипаригардида дар Иттифоқи нависандагон бо эшон суҳбати пурборе доштем. Баъд аз ошноӣ бо машқҳоям, вақте гуфтанд "ба ту бояд кумак кард", дар торикистони дилам чароғаке фурӯзон гашт. Дигар бо устод суҳбатҳои телефонӣ доштем. Боре дар Тошканд меҳмонам буданд. Пас аз боз шудани гузаргоҳҳои сарҳадӣ қабрашонро дар Лучоб зиёрат кардам. Бо устодони дигар иртиботи маънавӣ дорам, аз шеърҳои мондагорашон гирумон меомӯзам.

Мояи ифтихор аст, ки бо яке аз сутунҳои адабиёти муосири тоҷик, шахбонуи шеъри муосири форсӣ - Фарзонаи Хуҷандӣ дар ду чорабинӣ: яке дар курс-конференсияи адибони ҷавон (соли 1983) дар Душанбе, дигаре дар Нахустин ҳамоиши байналхалқии шеъри муосири форсӣ дар Эрон ширкат доштам. Дар Техрон, баъди ҳолпурсӣ, суол кардам: "Маро шинохтед?". Бо камоли фурӯтанӣ посух доданд: "Магар мешавад дӯстонро фаромӯш кард?". Як андак даступо хӯрдам ва аз дил гузаронидам: "Бубин, баъди чанд даҳсола хуршед зарраро мебинад". Девон ва китобҳояшонро бо соядаст дорам. Инчониб низ чанд дафтари машқамро ба эшон туҳфа кардаам. Марги нобаҳангоми луълӯи лолояшон барои Озарахш ва Фарзона талафоти бузург буд. Дили иродатмандонашонро реш кард. Манзили охираташ обод бод. Вақте ба дунболи коре дар Хуҷанд будам, барои изҳори ҳамдардӣ ба хонаашон рафтам. Китобе аз худ ва Озарахш туҳфа карданд...

Бо шоирони тавонову навпардоз Рустами Ваҳҳоб, Абдучаббори Суруш, Толиби Луқмон, Назри Яздон, Равшани Ҳамроҳ, Абдуллоҳи Раҳнамо, Бузургмеҳри Баҳодур, адабиётшиносони дақиқназар Абдунабӣ Сатторзода ва Абдухолиқи Набӣ дӯстони фейсбукием. Ба навиштаҳои якдигар лайк мегузорем ё изҳори назар мекунем. Онҳо, дар баробари он ки шоирону олимони ҳавасангезанд, инсонҳои хуб низ ҳастанд. Нависанда ва шоири хушқареҳа Марямбонуи Фарғонӣ дӯсти овони донишҷӯйии каминаанд.

- 70-солагии умрро бо кадом рӯҳия пешвоз гирифтед?

- Донишманде фармуда будааст: "Ғам махӯр, ки солхӯрда ё пир шудай, Худо ин имтиёзро на ба ҳар кас медиҳад". Ба муносибати 70-умин солгарди умр дӯстону ҳамкорон ва иродатмандон табрик мегӯянд, маҳфилу вохӯриҳо баргузор мешаванд, ки сабаби хушҳоливу сипосгузориҳост. Фикр мекунам, ин ҳама муҳаббати онҳо ба шеър аст, то ба шахси камина. Нақшаҳо зиёданд. Аз ҳама муҳимаш, бояд шеър гӯям, на чизҳои ба шеър монанд...

Мусоҳиб: Одил НОЗИР

МАВЛУДНОМА

29 МАЙ

Борис Лапин (1905-1941), 120-солагии зодрӯзи нависандаи рус, муаллифи очерку ҳикоёти зиёд дар бораи Тоҷикистон.

Маҳкам Пӯлод (1940), 85-солагии зодрӯзи нависанда.

Неъмат Фозилов (1920-1985), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

30 МАЙ

Анвариддин Муҳиддинов (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Маҳмадшариф Нозимов (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Раъно Раҳматова (1955), 70-солагии зодрӯзи забоншинос (англисӣ).

Шобутулло Шобутолибов (1950), 75-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Мақсуд Шукуров (1920-1994), 105-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

31 МАЙ

Лидия Зимина (1930-1988), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Расул Солеҳҷонов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Ҳилолӣ Файзиев (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

1 ИЮН

Саидхоҷа Ализода (1955), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Шодӣ Асроров (1945-1988), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Ислом Саломов (1940-2018), 85-солагии зодрӯзи коргардони театр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Бобо Сангинов (1935-2017), 90-солагии зодрӯзи селексионер, академики АМИТ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

Саидқаҳҳор Яъқубов (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

2 ИЮН

Толиб Ваҳҳобов (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Маъруф Маҳмудов (1940-1992), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Зафар Нозим (1940-2010), 85-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Алексей Тураев (1930), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

3 ИЮН

Мухтор Баҳриддинов (1930), 95-солагии зодрӯзи журналист.

Сулаймон Зоҳиров (1910-1985), 115-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Қаюм Зиё (1935), 90-солагии зодрӯзи шоир.

Манзар Шарифов (1930-1981), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

4 ИЮН

Рустам Ҷабборов (1955), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Наҷмиддин Шамсиев (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Сергей Якушев (1910-1990), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1250620, ба номи Вахидова Анисахон Сиддиққоновна, ки санаи 01.07.2024 аз ҷониби МТМУ №20-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A04774315, ба номи Бобоҷонова Дилноза Алишеровна, ки санаи 06.03.2023 аз ШВКД-2 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, ГТС №296210, ба номи Сулейманова Малика Ботирҷоновна, ки соли 2001 аз ҷониби МТМУ №54-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A01390294, ба номи Бобоазизов Сулаймон Саидович, ки санаи 25.04.2018 аз ШМД Навобод, ШВКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ҳамдамов Шариф, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Якка-чинор, хонаи 70, санаи 23.11.2020, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи (Удостоверение) №859 ба номи Одинаев Мирали Файзуллоевич, санаи 30.06.1994, ки аз ҷониби Институти омодасозии баъдидипломии кадрҳои тиббии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0124793, рақми қайд №1250, ба номи Файзуллоев Зокир Ҳабибуллоевич, ки санаи 19.06.2012 аз Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №86534, аз 03.04.2023, ба номи Шоинов Исломбек Балажонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳрамон, хонаи б/р, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ҳамдамов Сиёвуш Шарифович, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Якка-чинор, хонаи 70, санаи 23.11.2020, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Парвандаи заминсозӣ ба номи Ҳукматов Тоҳир Мирзошоевич, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъа, деҳаи Ғажнӣ, ки соли 2015 аз Кумитаи идораи замини ноҳияи Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №62377, аз 22.04.2022, ба номи Ҳамдамов Сиёвуш Шарифович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Якка-чинор, хонаи 70, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Рахимова Иноятхон, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Лоҳутӣ, бинои 61, ҳ. 42, санаи 26.05.2021, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №46379, ба номи Яковлева Нина Васильевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Борбад 81, ҳ. 41, соли 1994, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Манзилномаи №324 ба номи Яковлева Нина Васильевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Борбад 81, ҳ. 41, санаи 09.02.1995, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №5343, ба номи Ҳукматов Тоҳир Мирзошоевич, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъа, деҳаи Ғажнӣ, санаи 11.11.2015, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами кадастрӣ 65-013-000368-01, аз 31.03.2023, ба номи Шоинов Исломбек Балажонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳрамон, хонаи б/р, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A00215854, ба номи Сайдалиев Абдураҳим Қувватович, ки санаи 13.06.2015 аз ШВҚД дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси ҶДММ "Мустафо Сохтмон", РЯМ: 0910009082, РМА: 090015155, ки аз 14.04.2017 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дарачаи A0315451, рақами қайд №3312, ки аз 27.12.2011 ба ҷамоати деҳоти Алмосии шаҳри Ҳисор таалуқ дорад, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ "Навруз 13", РЯМ: 0710008155, РМА: 070014650, ки аз 17.02.2013 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехўрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Бободеҳқон", РЯМ: 0710003305, РМА: 070002037, ки аз 16.12.2014 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехўрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Хонаи Мақсуд ака", №0264074, РЯМ: 0210017519, РМА: 020040412, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Фарҳод ҷони Абдумумин", РЯМ: 0710011345, РМА: 070018391, ки аз 16.09.2022 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехўрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

- шоири ишқ ва озодӣ

(Аввалаш дар саҳ. 10)

Месароям маргро,
Мурдаҳоро аз сари
раҳ мерабояд,
То ки насли тоза ояд,
пешпо нохӯрда бар он
мурдаҳо,
Ҷониби оянда осон
бигзарад.

Агар ба сурати куллӣ ва мутлақ сухан нагуфта бошем, ишқ - дар сатҳитарин баён, алоқаи шадиди қалбӣ миёни ду ё чанд тан буда метавонад. Лоиқ низ чун аз ин ҳису ҳоли фардӣ ва чун шоирони дигар ошиқпеша, ба дур нест. Ӯ дар чаҳорпораи «Шаршараҳо», бо ниҳояти шоиронагӣ замзамаи шаршараҳоро ба гунаи музмир ва пӯшида ба мӯйафшонии маъшуқааш монанд мекунад ва ларзиши мӯйҳояшро ба набзи ноосудаи худаш шабеҳ медонад:

Боз аз дур туро
дидаму рафт
Дилам аз раҳгузари
хотираҳо.
Мӯи афшони ту
ёдам омад,
Бо ҳама замзамаи
шаршараҳо.

Оҳ, он шаршараҳо
хуш буданд,
Поку шаффофу
хаёлолуда.
Мӯи нобофтаат
меларзид
Ҳамчу набзи мани
ноосуда.

Ватан ва ватандӯстӣ чун моияи аслӣ ва асоси шеъри Лоиқро ташкил медиҳад ва дар қолаби қасида, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ ва чаҳорпора ашъори зиёде аз худ ба ёдгор гузоштааст, ки яке аз он шеърҳо қасидаи "Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунин кафанам / Будӣ байтушшарафам, гаштай байтулҳазанам" аст. Лоиқ дар ин шеър душмани ватанашро ду гуна медонад: нахуст бегонагон ва дувум мардумони бездили хонагии меҳанаш. Аз сӯи дигар, дӯстҳоро ниқобпӯшони душман ва душманони меҳанашро дӯстнмои дурӯя мепиндорад ва хитоб бар онҳо дорад:

Ҷон ба қурбони ту,
эй меҳани хунинкафанам,
Будӣ байтушшарафам,
гаштаӣ байтулҳазанам.
Душманат чор тараф
аҷнабию хонагиянд,
Тани танҳо ба чӣ
ниру сафи аъдо шиканам?
Дӯст душманнасақу
душмани ту дӯстнамост,
Рост гӯям, бипаронанд
зи чашму даҳанам.

Саранҷом Лоиқ Шералӣ дар соли 1379 х./2000 м. бар асари сактаи мағзӣ даргузашт ва дар оромгоҳи «Лучоб» дар шаҳри Душанбе ба хок сипорида шуд. Бар санги мазораш шеъре аз худи вай, ки дар соли 1367 х./1988 м. суруда буд, навишта шудааст:

Дар рӯи замин
намонд маъман,
Эй гӯр! Дуруд бодат
аз ман!

Исмоил ЛАШКАРӢ
1401, Кобул
Таҳияи
О. СОҲИБЗОДА

Зодрӯз муборак!



Бо камоли эҳтиром Шуморо, Хоҷазода Тоир Абдулло, бо ҷашни зодрӯзатон табрик мегӯем. Бигзор чӣ орзуҳои неке, ки дар дил доред, ҷомаи амал пӯшанд.

Аз номи аҳли шогирдонатон, аз ДМТ

Зодрӯз муборак!



Падарҷони азиз, шуморо бо ин санаи мубораки умратон - 63-солагӣ муборак мегӯем. Таманнои онро дорем, ки дар кор ва зиндагӣ ҳамеша муваффақ бошеду соябони сари мо фарзандон бошед.

Аз номи фарзандону ҳамсаратон

СУПЕРҶОМИ ТОҶИКИСТОН



«ИСТИҚЛОЛ» БОРИ 13-УМ БАРАНДА ШУД

25-уми май, дар Рӯзи ҷаҳонии футбол дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Ҳисор Суперҷоми футболи Тоҷикистон баргузор шуд.

Дар Суперҷоми футболи Тоҷикистон-2025 чемпиони кишвар «Истиқлол»-и Душанбе ва ғолиби Ҷоми Тоҷикистон «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода бозӣ карданд. Вақти асосӣ ва қисмҳои иловагӣ мусовӣ, бо ҳисоби 1:1 хотима ёфт ва дар зарбаҳои пеналтӣ бо ҳисоби 5:4 «Истиқлол» пирӯз шуд.

Дастаҳои "Истиқлол" ва "Регар-ТадАЗ" маротибаи чорум аст, ки барои Суперҷоми Тоҷикистон бозӣ мекунанд. Дар се бозӣ «Истиқлол» ғолиб омада буд. Барои «Истиқлол» ин 13-умин унвони қаҳрамонӣ дар Суперҷоми Тоҷикистон мебошад.

БОКС

ПИРӮЗИИ СЕ МУШТЗАНИ ТОҶИК ДАР «ШОМИ БОКС»

23-юми май дар Душанбе шоми бокси ҳирфаӣ баргузор шуд, ки дар он се муштзани тоҷик пирӯзӣ ба даст оварданд ва соҳиби камарбанд шуданд.

Муборизаи аслии шом барои унвони қаҳрамони вазни сабуки WBA Gold миёни довталаби тоҷик Баҳодур Усмонов ва муштзани варзидаи филиппинӣ Алберт Пагара буд. Ин мубориза 10 раунд буд. Дар қувваозмоии асосии шом Усмонов бар Пагара ғалабаи бовариноқ ба даст оварда, дар вазни сабук унвони WBA Gold гирифт. Ӯ дар даври сеюм бо нокаут пирӯз шуд. Усмонов соҳиби унвони WBA Gold шуд, ки ба ӯ имкони наздик шудан ба садри рейтинги ҷаҳониро медиҳад. Қаҳрамони феълии ҷаҳонии WBA дар ин категория Червонта Танк Дэвис мебошад.

Ҳамчунин дар ин шом муштзанҳои дигари тоҷик Акмал Убайдов ва Давлат Болтаев ҳам пирӯз шуданд. Убайдов дар вазни сабук (57,2 кг) бо Эржан Залилови қазоқ ғолиб омад. Дар байни сангинвазнҳо (+90,7 кг) Давлат Болтаев бо Захари-Серге Мвог Амугуи камерунӣ бо нокаути техникӣ пирӯз шуд.



Дар вазни то 67 кило чемпиони дукаратаи Русия Евгений Кул дар ринги ҳирфаӣ нахустин бор бо муштзани ӯзбек Фариозбек Ҳакимов мубориза бурд ва бо қарори якдилона Кул пирӯз шуд. Дар вазни сангин (+90,7 кг) муштзани рус Холидов Мурод бар Мамасолиев Халимҷони ӯзбекистонӣ дар раунди дуюм бо нокаути техникӣ пирӯз шуд. Дар вазни ним миёна (66,7 кг) Максим Черничуки рус бо Майкл Кинг аз Люксембург қувваозмоӣ карданд, ки дуранг анҷом ёфт.

ҶОМИ ҶАҲОН

ҲАРИФОНИ НАВРАСОНИ ФУТБОЛБОЗИ ТОҶИКИСТОН МАЪЛУМ ШУДАНД

Дастаи мунтахаби наврасони то 17-солаи Тоҷикистон дар Ҷоми ҷаҳонии оянда, ки аз 3 то 27-уми ноябри соли 2025 дар Қатар баргузор мешавад, дар гурӯҳи I бозӣ мекунад.

Баъди қуръакашӣ, ки рӯзи 25-уми май дар Доҳа баргузор шуд, маълум гардид, дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо тимҳои ИМА, Буркина Фасо ва Чумҳурии Чех бозӣ мекунад.

Натиҷаи қуръакашӣ:

Гурӯҳи A: Қатар, Италия, Африқои Ҷанубӣ, Боливия

Гурӯҳи B: Ҷопон, Марокаш, Каледонияи Нав, Португалия

Гурӯҳи C: Сенегал, Хорватия, Коста-Рика, АМА

Гурӯҳи D: Аргентина, Белгия, Тунис, Фиҷӣ

Гурӯҳи E: Англия, Венесуэла, Ҳоитӣ, Миср

Гурӯҳи F: Мексика, Корея, Соҳили Оҷ, Швейтсария

Гурӯҳи G: Олмон, Колумбия, Куриёи Шимолӣ, Салвадор

Гурӯҳи H: Бразилия, Гондурас, Индонезия, Замбия

Гурӯҳи I: ИМА, Буркина-Фасо, Ҷумҳурии Чех, Тоҷикистон

Гурӯҳи J: Парагвай, Ӯзбекистон, Панама, Ирландия

Гурӯҳи K: Фаронса, Чили, Канада, Уганда

Гурӯҳи L: Мали, Зеландияи Нав, Австрия, Арабистони Саудӣ

ФУТБОЛ

ОМОДАГИИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН БА БОЗӢ БО КАМБОҶА ВА ФИЛИППИН

Ситоди мураббиёни тими миллии футболи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Гела Шекиладзе ҳайати тими миллиро барои бозиҳо бо Камбоҷа (5-уми июн) ва Филиппин (10-уми июн) эълон кард.



Дастаи мунтахаби Тоҷикистон рӯзи 5-уми июн бо тими Камбоҷа вохӯрии дӯстона доир карда, 10-уми июн бозии даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027-ро бо дастаи Филиппин анҷом медиҳад. Ҳарду рақобат дар меҳмонӣ баргузор мешаванд.

Ба ҳайати тими миллии Тоҷикистон 3 дарвозабон, 8 ҳимоятгар, 8 нимҳимоятгар ва 5 ҳамлагар шомил шудаанд. Инҳо дарвозабонҳо: Рустам Ятимов («Ростов», Русия), Олег Баклов («Уфа», Русия), Сафармад Ғаффоров («Барқчӣ»); дифоъгарон: Ваҳдат Ҳанонов («Сипоҳон», Эрон), Зоир Ҷӯрабоев («Суғдиёна», Ӯзбекистон), Манучеҳр Сафаров («Динамо», Ӯзбекистон), Меҳрубон Каримов («Самгурали», Гурҷистон), Аҳтам Назаров, Табрез Исломов, Содиқҷон Қурбонов (ҳама аз «Истиқлол»), Мусо Каҳоров («Барқчӣ»); нимҳимоятгарон: Парвизҷон Умарбоев («Локомотив-Пловдив», Булғористон), Эҳсони Панҷшанбе («Суғдиёна», Ӯзбекистон), Амадонӣ Камолов («Гул Гуҳар», Эрон), Фатҳулло Олимзода («Арсенал», Беларус), Алиҷони Буризод («Самгурали», Гурҷистон), Амирбек Ҷӯрабоев («Истиқлол»), Азизбек Ҳаитов («Равшан»), Шуҳрат Элмуродов («Хуҷанд»); ҳамлагарон: Шаҳром Самиев («Хоразм», Ӯзбекистон), Шервонӣ Мабатшоев («Кяпаз», Озарбойҷон), Далер Шарипов («Шуртон», Ӯзбекистон), Нуриддин Ҳамроқулов («Вахш»), Шериддин Бобоев («Равшан») ҳастанд.

Даста таҳти роҳбарии мутахассиси гурҷӣ Гела Шекиладзе дар Қатар ҷамъомади тамриниро шуруъ кард. Ҳадафи ин ҷамъомад омода кардани даста ба бозиҳои моҳи июн муқобили тимҳои миллии Камбоҷа ва Филиппин аст.

РЕЗААХБОР



Дар Ӯзбекистон Ҷоми ҷудои Осиё миёни ҷавонон ба анҷом расид. Ҷудокорони тоҷик Виктория Киселева, Назиров Бинёмин ва Мадина Қурбонзода соҳиби медалҳои ифтихорӣ шуданд. Виктория Киселева нишони тиллоро дар вазни ҷамъи 78 кг дар Ҷоми кушоди Осиё байни ҷавононӣ то 21-сола ба даст овард. Мадина Қурбонзода (52 кг) медали нуқраро соҳиб шуд. Бинёмин Назиров (-73 кг) дар мусобиқаи мазкур миёни ҷавонон бо ҷидду талош ва кӯшишҳои худ соҳиби нишони биринҷӣ гардид.

***

Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-16) Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA)-ро, ки дар шаҳри Тошканд ҷараён дорад, бомуваффақият оғоз кард. Даста таҳти роҳбарии Далер Каёсов дар бозии якуми худ бар тими Туркманистон бо ҳисоби 4:1 пирӯз шуд. Парвиз Сангинов муаллифи дубл шуд. Як тӯби дигарро Муҳаммадҷон Мирахмадов вориди дарвозаи ҳарифон намуд. Як голи дигарро футболбозони туркман ба дарвозаи худ заданд.

***

Муштзанҳои тоҷик дар Чемпионати Осиё дар шаҳри Коломбои Шри-Ланка миёни ҷавонон 16 медал ба даст оварданд. Медалҳои тиллоро Алишерихудо Холов (71 кг), Абубакр Ғафуров (75 кг) миёни муштзанҳои 18-сола ва Анӯшервон Фозилов (54 кг) миёни муштзанҳои 22-сола, нуқраро миёни муштзанҳои 18-сола Билоҷон Иксанов (54 кг), Муҳаммадсултон Султонов (67 кг) ва миёни муштзанҳои 22-сола Ҳангома Исоева (60 кг), Меъроҷ Суфиҷонов (51 кг), Дамир Мӯйбалихонов (60 кг), биринҷиро миёни муштзанҳои то 18-сола Фариноз Абдуллоева (54 кг), Мино Аъзамзода (60 кг), Муҳаррамахон Тошхӯҷаева (70 кг) ва миёни муштзанҳои 22-сола Фариза Ёқубова (52 кг), Дилноза Нуримова (63 кг), Мӯинхуҷа Муминов (48 кг), Руслан Ғафуров (63,5 кг), Муродҷон Ашӯралиев (71 кг) соҳиб шуданд.



КОШОНАИ БАХТ

- Навбати кӣ? Марҳамат!

Марде вориди утоқ мешавад.

- Э, биёян, биёян, акаи ширин, марҳамат, марҳамат...

Сардор аз ҷой хеста, ба нишастан даъват мекунад.

- Раҳмат, раҳмат, раисҷон. Шунидам, ки «Кошонаи бахт» кушода шудааст, пурсида-пурсида омадам. Ду-се моҳ ин тараф хона тип-торик. Дар рӯзғор барака нест. Зани пештараам бад набуду намедонам аз ман гузашт-мӣ, аз вай-мӣ, кадом шайтон васваса кард-мӣ, маро партофта рафт. Барои ҳамин омадам, ки ягон танмаҳрам бошад...

- Хуш омадед! Мо дар хизмати шумо барин шахсони барҷомонда не, не, узр, дар нимароҳ монда ҳастем. Марҳамат карда, ба ин аксҳо нигоҳ кунед. Кадомаш маъқул бошад, худи ҳозир ба касса ҳақи хизматро месупореду зани зебою хушрӯй, дар ақлу фаросат ягона насиби шумо-дия. Яъне, мо дар ҳаминҷо шуморо ба якдигар кафшер, яъне сварка мекунем...

- Раҳмат, раисҷон. Канӣ, як расмҳоро бинем-чӣ... Инаш не... Инаш ҳам намешавад. Инаш умуман маъқул не... Инаш, инаш... истед, истед, о... ин расми зани худам-ку! Барои чӣ вай дар ин ҷо?

- Бародари азиз, дар ин ҷо зани ман, шавҳари ту гуфтагӣ гапҳо нест. Мо бо нияти холис маҳсулоти хешро ба эҳтиёҷмандон пешниҳод мекунем. Фаҳмо? Ку, расмро бинам-чӣ... Ҳмм...., э ба ин расм, таҳти рақами 32\4 аз деҳаи Қалъа як бензинфурӯш заявка додагӣ. Яъне, банд!

- Чӣ, ҳоли зани ман ба як муттаҳам, мардумфиреб, бензинфурӯш банд? Не, ман инро намемонам. Канӣ занам? Ҳозира худаш нишон диҳед.

- Аррос назанед, гражданин. Бензинфурӯш муттаҳам нест, вай соҳибкор, ободкор ва имрӯз харидори маҳсулоти мо. Хоҳед, ки ҳамин зан азони шумо шавад, марҳамат, ду баробар ҳақи хизматро супореду гирифта равед. Фаҳмо? 416 сомонию 075 дирам, бо 10 фоиз андоз аз даромад.

- Барои зани худам? О, вай пул пурсида - пул пурсида, аз ҷонам сер карда буду имрӯз боз пул супорам?

- Нахоҳед, бароед. Талабгорон лаб-лаб...

- Дигар илоҷ нест?

- Уфф..., аз афташ барои шуморо аз ин ҷо баровардан посбонро чеғ мезанам... Пос...

- Не, не, ман розӣ... Мана 450 сомонӣ... Канӣ занам? Чеғ занед. Ҳамин қадар пазмон шудам...

Сардор бо телефон ба корманди дигар занг зад:

- Нигорахон, дирӯза аз Қалъа омадагӣ заявкая бекор кунеду Дилорахонро ба ин акаи ширин қатӣ карда фиристед. Ба бензинфурӯш дигар насиб кардагиаш будагист...

Фурсате нагузашта Нигорахон бо зани басо ороёфта даромаданд.

- Занакҷон, ин худат? Ҳастӣ дар дунё? Бе ту хона дӯзаху ман дар он кундаи чигда. Рафтем. Пулатро додам. Ман харидори туям, бори дигар ёри туям... Хонаи худ, лонаи худ. Ҳам болишам, ҳам нолишам ту ҳастӣ.

Сардор (худ ба худ):

- Ҳа... ҳа... Дидед, ба зани худаш пул дода, яъне харида рафт. Бо дупула моҷарою гапгузаронӣ оилаҳои вайроншударо оштӣ додан дар зиммаи мост! Ин роҳу усули тамоман нав танҳо дар коргоҳи ҷамъиятии «Кошонаи бахт», яъне ишу тебя, найду тебя, хӣ... хӣ...

Эгамназар СОҲИБНАЗАРОВ,
н. Девештич

РЕША

Писар ҳангоми дарстайёркунӣ ба падар мегӯяд:

- Дада, ба ман кумак кунед, решаи квадартиро ёбем...

Падар:

- Магар онро то ҳанӯз наёфтаанд? Ин решаи лаънатиро аз замонҳое меҷӯянд, ки ман мактабхон будам!

ХАРОБ

Писар ба падар:

- Дада, очаам солҳои пеш хароб буданд, акнун фарбеҳ шудаанд.

Падар:

- Писарам, ҳамаи занҳо ҳамин хеланд. То тӯяшон харобанд, то ки ба хонаи шавҳар даромадан барояшон осон бошад. Баъди тӯй фарбеҳ мешаванд, ки аз дар берун карданашон душвор шавад.

ХОТИРА

Аз ҳунарманди номдоре пурсиданд:

- Чаро шумо сурудҳои дигаронро бозхонӣ намекунед?

Ҳунарманд гуфт:

- Хотираам хеле заиф аст. Сурудҳои худамро базӯр азёд мекунам, аз бегонаҳоро аз кучо азёд кунам?

ШАРМГИН

Духтарак аз модар мепурсад:

- Оча, рост аст, ки дадаам дар ҷавонӣ бачаи беҳад шармгин будаанд?

Модар дар ҷавоб:

- Рост духтарам, вагарна ту имрӯз панҷ сол калонтар мебудӣ!

САГ

Зан ба шавҳар:

- Мардак, ба мағоза равед!

Шавҳар:

- Занак, берун борони сел аст, ҳатто саг аз хонааш намебарояд.

Зан:

- Тавбааа, о кӣ гуфтааст, ки сагро бо худатон бared?

КОРТ

Марде аз бонуи кортфурӯш мепурсад:

- Бо ин корт ман метавонам рӯзи дароз дар тамоми нақлиёти шаҳр ройгон сафар кунам?

Бону дар ҷавоб:

- Бале, агар шумо кори дигар надошта бошед!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

